# ПАНОҲГОҲИ МУСАЛМОН

## Азкор ва дуоҳое аз Қуръон ва Аҳодиси набавӣ

Таълифи Саъид ибни Алӣ ибни Вахфи Қаҳтонӣ
Тарҷумаи Абдуррашиди Шаҳоб



Таҳрир ва таҳқиқ
Амирҳамзаи Ҳомид
Билолидини Бадридин

Аз ҳамин ҷиҳат муносиб донистем, ки китоби *"Ҳиснул муслим"*-ро, ки дар ин бора таълиф ва ба бисьёре аз забонҳои дунё тарҷума шудааст, ба забони тоҷикӣ низ тарҷума намоем.

Яке аз шартҳои қабули дуо ҳузури дил аст, паёмбар (с) мефармоянд: **«Ва бидонед, ки Худованд дуои касеро, ки дилаш ғофил бошад, иҷобат намекунад».**

Бидуни фаҳмидани маънову мафҳуми зикру дуо ҳузури дил ҳосил намешавад, бинобар ин тамоми азкор ва дуоҳоро бо муроъоти назму маънии ҷумла ба забони форси-тоҷикӣ тарҷума кардем, то ин ки хонанда маънову мафҳуми ҳар зикру дуоро фаҳмида зикр намояд.

Аз Худованди Бузург ба ҳамаи касоне, ки дар таълиф ва тарҷимаву нашри ин китоби нафис, ки аз суханони гуҳарбори Паёмбари Худо (с) мебошад, ҳамкорӣ ва кумак намудаанд, подоши хубро хоҳонам.

*Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим*

## ПЕШГУФТОР

Ҳамду сипоси фаровон Парвардигори оламиёнро, ки мо аз ӯ мададу ёрӣ ва мағфирату омӯрзиш мехоҳем ва дуруду саломи Худо нисори паёмбарамон Муҳаммад (с) ва хонадону ёрон ва пайравони ӯ бод.

Аммо баъд: Ин китоб хулосаест аз китобам ба номи "Аз-зикру вад-дуъо вал-ъилоҷу бир-руқо миналкитоби вас-суннати". Аз ҷиҳати ин ки ҳамлаш дар мусофиратҳо сабук бошад, қисмати азкори онро хулоса намудам ва ба нигоштани матни зикр ва дарҷи як ё ду маъхаз аз маъхазу сарчашмаҳое, ки дар асли ин китоб зикр шудаанд, иктифо намудам.

Ҳар касе ки бихоҳад, ки саҳобии ривояткунандаро бишносад ва ё дар бораи масдару сарчашмаи ҳадис маълумоти бештаре бадаст оварад, лозим аст ба асли китоб муроҷиат намояд.

Аз Худованд бо тавассул ба исмҳои некӯ ва сифоти баландмартабааш хоҳонам, ки ин амалро холис барои худаш бигардонад ва

маро дар зиндагӣ ва пас аз маргам аз он баҳраманд созад.

Ҳамчунин хонандагон,ноширон ва умуман касоне, ки сабаби нашри ин китоб шудаанд, низ мустафид гардонад. Ҳамоно Худованд ӯҳдадори подошу савоб додан ва ба ҳар чиз қодиру тавоно мебошад.

Дуруду саломи Худо нисори паёмбарамон Муҳаммад (с) ва хонадону ёрон ва пайравони ӯ бод, то рӯзи қиёмат.

*Муаллиф*
*Моҳи Сафар 1409-и Ҳиҷрӣ.*

## ФАЗИЛАТИ ЗИКР

Худованд мефармояд: **(Пас маро ёд кунед, то шуморо ёд кунам ва шукр кунед маро ва ношукрии ман накунед).** "Бақара" 152

Ва низ мефармояд: **(Эй касоне ки эмон овардаед, Худоро зикр кунед, зикр кардани бисёр).** Аҳзоб: 41

Инчунин дар ҷои дигар мефармояд: **(Мардон ва заноне, ки Худоро бисёр ёд мекунанд, Худованд барои эшон омурзиш ва музди бузурге муҳайё сохта аст).** Аҳзоб: 35

**(Худоро дар дили худ бо тазарруъ ва пинҳонӣ ва бидуни овози баланд дар субҳ ва шом ёд кун ва аз ғофилон мабош).** Аъроф: 205

Паёмбар (с) мефармоянд: **"Сифати касе, ки зикри Парвардигорашро мекунад ва он ки зикри Парвардигорашро намекунад, монанди зинда ва мурда аст".**

Инчунин он Ҳазрат (с) мефармоянд: *"Оё шуморо ба беҳтарин ва поктарин кирдоратон назди моликатон (Аллоҳ) хабар надиҳам Аъмоле, ки дараҷаи шуморо боло мебарад ва бароятон беҳтар аст аз сарф намудани тиллову нуқра (дар роҳи Худо) ва аз даргирӣ бо*

*душманатон, то ҷое, ки гарданашонро бизанед ва онҳо гарданатонро бизананд*. Гуфтанд: Оре. Расулуллоҳ (с) фармуд: **“Зикри Худои таъоло”.**

Ва низ паёмбар (с) фармуд: *Худои таъоло мефармояд:* **“Ман назди гумони бандаам нисбат ба худам мебошам ва ҳаргоҳ маро зикр кунад, ман бо ӯ ҳастам ва агар маро дар дилаш зикр кунад, ман ӯро низ назди худам зикр мекунам ва агар маро дар гурӯҳе зикр кунад, ман ӯро дар гурӯҳе беҳтар аз он гурӯҳ зикр мекунам ва ҳаргоҳ ба ман як ваҷаб наздик шавад, як газ ба ӯ наздик мешавам ва агар як газ ба ман наздик гардад, як боз[1] ба ӯ наздик мегардам ва агар бо роҳрафтан ба сӯи ман ояд, ман шитобон ба сӯи ӯ меравам”.**

Аз Абдуллоҳ ибни Буср (р) ривоят шудааст, ки марде арз намуд: ё Расулаллоҳ, одобу сунани ислом бар ман зиёд шудааст, маро аз чизе хабар деҳ, то ба он чанг бизанам. Он ҳазрат (с) фармуд: ***Ҳамеша забонат ба зикри Худо тар бошад.***

Ҳамчунин паёмбар (с) фармуданд: ***“Касе ки як ҳарфе аз китоби Худо (Қуръон) ро бихо-***

---

[1] Боз, андозаи аз сари ангуштони дасти рост аст, то сари ангуштони дасти чап, вақте, ки дастҳоро уфуқӣ ба ду тараф боз кунанд.

***над, савобу подошаш як некист ва он некӣ даҳ баробар мешавад. Намегӯям, ки "Алифлом-мим" як ҳарф аст, балки алиф як ҳарф, лом як ҳарф ва мим як ҳарф аст.*** .

Уқба ибни Омир (р) мегӯяд: Дар ҳоле ки мо дар *Суффа* будем, расулуллоҳ (с) ворид шуд ва фармуд: ***Кадом яке аз шумо дӯст медорад, ки ҳар субҳ ба Батҳон, ё Ақиқ биравад ва ду шутури дорои кӯҳони бузургро ҳамроҳи худ биёрад, бидуни он ки дар ин кор муртакиби гуноҳ ва қатъи силаи раҳм шавад?*** Гуфтем оре, ё расулуллоҳ, ин амалро дӯст медорем. Он ҳазрат (с) фармуд: ***"Оё яке аз шумо дӯст намедорад вақти субҳ ба масҷид биравад ва ду оятро ёд бигирад ва ё бихонад, ки ин амал барояш аз ду шутур беҳтар аст ва се оят беҳтар аз се шутур ва чаҳор оят беҳтар аз чаҳор шутур ва ба теъдоди шумориши оят аз он теъдоди шутурон беҳтар аст".***

Инчунин он ҳазрат (с) мефармояд: ***"Касе ки дар ҷое биншинад ва дар он зикри Худо накунад, аз тарафи Худо барояш боиси афсӯс аст ва касе ки дар ҷое бихобад ва дар он зикри Худо накунад, барояш аз тарафи Худо муҷиби ҳасрат аст."***

Ва боз паёмбар (с) фармуд: ***Ҳар гурӯҳе, ки***

*дар маҷлисе биншинанд ва дар он зикри Худо накунанд ва бар паёмбарашон салавот нафиристанд, бароящон боъиси афсус аст ва агар Худо бихоҳад азобашон медиҳад. Аагар бихоҳад ононро меомурзад.*

Ва низ он ҳазрат (с) фармуданд: *Ҳар гурӯҳе аз маҷлисе бархезанд, ки дар он зикри Худо накарда бошанд, монанди он аст, ки аз сари лошахаре бармехезанд, ки бароящон муҷиби ҳасрат аст.*

## 1 - ДУОҲОИ ВАҚТИ БЕДОР ШУДАН АЗ ХОБ

١- «الْحَمْدُ لِلّٰهِ الَّذِي أَحْيَانَا بَعْدَ مَا أَمَاتَنَا وَإِلَيْهِ النُّشُورُ».

**1-Алҳамду лиллоҳиллазӣ аҳёно баъдамо амотано ва илайҳиннушӯр.**

*1-Ситоиш аз они Худоест, ки зинда гардонид моро баъди ин ки миронид моро ва ба суи Уст зинда шудан*

٢- «لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ، وَهُوَ عَلَىٰ

كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ. سُبْحَانَ اللهِ، وَالْحَمْدُ لِلهِ، وَلَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ، وَاللهُ أَكْبَرُ، وَلَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللهِ الْعَلِيِّ الْعَظِيمِ، رَبِّ اغْفِرْ لِي».

**2-Ло илоҳа илаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, лаҳулмулку ва лаҳулҳамд ва ҳува ъало кулли шаййин қадӣр. Субҳоналлоҳи валҳамду лиллоҳи ва ло илоҳа иллалоҳу валлоҳу акбар ва лоҳавла ва лоқуввата илло биллоҳилъалийилъазим, раббиғфир лӣ.**

*2-Нест маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ, ягона аст, нест шарику анбозе барои Ӯ. Аз они Ӯст мулки ҳастӣ ва азони Ӯст ситоиш ва Ӯ бар ҳар чиз тавоност. Пок аст Худо ва ситоиш азони Худост ва нест маъбуди баҳақ, магар Аллоҳ ва Худо бузургтар аст ва нест тавоноӣ (барои дӯрӣ аз гуноҳ) ва нест қудрате (барои пойдорӣ бар тоати Худо), магар бо кумаки Худои бартари бузургвор, Худоё, маро биёмурз[1].*

[1] Паёмбар (с) мефармояд: Касе ки дуъои мазкурро бигӯяд, гуноҳонаш омурзида мешавад ва агар дуъо кунад, дуъояш мустаҷоб мегардад ва агар бархосту вузӯ кард ва намоз хонд, намозаш қабул мешавад.

٣- «الحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي عَافَانِي فِي جَسَدِي، وَرَدَّ عَلَيَّ رُوحِي، وَأَذِنَ لِي بِذِكْرِهِ» .

**3-Алҳамду лиллоҳил-лазӣ ъофонӣ фӣ часадӣ ва радда ъалайя рӯҳӣ ва азина лӣ бизикриҳи.**

*3-Ситоиш аз они Худоест, ки ҷисмамро сиҳат бахшид ва ба ман рӯҳамро бозгардонд ва ба ман иҷозаи зикрашро дод.*

٤- ﴿إِنَّ فِي خَلْقِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَٱخْتِلَٰفِ ٱلَّيْلِ وَٱلنَّهَارِ لَءَايَٰتٍ لِّأُو۟لِى ٱلْأَلْبَٰبِ ... يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱصْبِرُوا۟ وَصَابِرُوا۟ وَرَابِطُوا۟ وَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ﴾[1]

**4-Инна фӣ халқис-самовоти валарзи вахтилофил-лайли ван-наҳори лаоётин лиулилалбоб, ал-лазина язкурӯналлоҳа қиёман ва қуъӯдан ва ъало ҷунӯбиҳим ва ятафаккарӯна фӣ**

халқис-самовоти валарзи раббано мо халақта ҳозо ботилан. Субҳонака фақино ъазобаннори. Раббано иннака ман тудхилин-нора фақад ахзайтаҳу ва мо лиззолимӣна мин ансор. Раббано иннано самиъно мунодиян юнодӣ лилимони ан оминӯ бираббикум фаоманно, раббано фағфир лано зунӯбано ва каффир ъанно саййотино ва таваффано маъалаброр. Раббано ва отино мо ваъадтано ъало русулика ва ло тухзино явмалқиёмати иннака ло тухлифулмиъод, фастаҷоба лаҳум раббуҳум аннӣ ло узиъу ъамала ъомилин минкум мин закарин ав унсо баъзукум мин баъзин, фал-лазӣна ҳоҷарӯ ва ухриҷӯ мин диёриҳим ва узӯ фӣ сабилӣ ва қоталӯ ва қутилӯ лаукаффиранна ъанҳум саййиотиҳим ва лаудхиланнаҳум ҷаннотин таҷрӣ мин таҳтиҳаланҳору савобан мин ъиндиллоҳи валлоҳу ъиндаҳу ҳуснус-савоб. Ло яғурраннака тақаллубул-лазӣна кафарӯ фӣлбилоди матоъун қалӣл, сумма маъвоҳум ҷаҳаннаму ва биъсалмиҳоду. Локинил-лазӣнаттақав раббаҳум лаҳум ҷаннотун таҷрӣ мин таҳтиҳаланҳору холидӣна фӣҳо нузулан мин ъиндиллоҳи ва мо ъиндаллоҳи хайрун лилаброр. Ва инна мин аҳлилкитоби ламан юъмину биллоҳи

**ва мо унзила илайкум ва мо унзила илайҳим хошиъйна лиллоҳи ло яштарӯна биоётиллоҳи саманан қалило, улоика лаҳум аҷруҳум ъиндa раббиҳим, инналлоҳа сариъулҳисоб. Е айюҳал-лазйна оманӯсбирӯ ва собирӯ ва робитӯ ват-тақуллоҳа лаъаллакум туфлиҳӯн.**

4-Ҳақиқатан дар офариниши осмонҳо ва замин ва рафту омади шабу рӯз нишонаҳоест барои соҳибони хирад, онқое ки дар ҳоли истода ва нишаста ва хуфтан Худоро ёд карда ва дар офариниши осмонҳо ва замин тааммул мекунанду мегӯянд: Парвардигоро, Ту инро беҳуда наофаридӣ, Ту покӣ, пас моро аз азоби Дӯзах ҳифз фармо. Парвардигоро, ҳар киро, ки дар оташ афканӣ, ӯро сахт хор кардаӣ ва ситамгаронро ҳеҷ ёрӣдиҳандае нест.

Парвардигоро, ҳароина мо нидокунандаеро шунидем, ки ба овози баланд ба сӯи эмон мехонад, ки эмон биёваред ба Парвардигори худ, пас эмон овардем. Парвардигоро, пас гуноҳони моро биёмурз ва бадиҳоямонро маҳв соз ва моро бо некӯкорон бимирон. Парвардигоро, онҷиро, ки ба забони пайғамбаронат ба мо ваъда кардаӣ, ба мо бидеҳ ва дар рӯзи қиёмат моро хор магардон. Ба ростӣ, ки

Ту хилофи ваъда намекунӣ. Пас Парвардигорашон дуояшонро пазируфт, ба ин ки ман амали ҳеҷ амалкунандае аз марду зани шуморо зоеъ намекунам. Баъзе аз шумо аз ҷинси баъзе дигар аст, пас касоне ки ҳиҷрат карданд ва аз хонаҳояшон берӯн рондашуданд ва дар роҳи ман азият диданд ва ҷангиданду кушта шуданд, албатта гуноҳонашонро маҳв мекунам ва ононро ба биҳиштҳое, ки зери онҳо наҳрҳо ҷорӣст дохил мекунам. Ин подошест аз тарафи Худо ва назди Худо подоши некӯст. Рафту омади кофирон дар шаҳрҳо туро нафиребад, ин баҳрамандии андаке аст, ки баъд аз он ҷойгоҳашон дӯзах аст ва дӯзах ҷойгоҳи бад аст. Аммо барои онон ки аз Парвардигорашон тарсиданд, биҳиштҳоест, ки аз зери он ҷӯйҳое равон аст ва дар он ҷовидонанд ва ин ҳадияест аз ҷониби Худо ва он чи назди Худост барои некӯкорон беҳтар аст. Ва ҳамоно баъзе аз аҳли китоб ба он чи ба сӯи шумо ва эшон нозилшуда эмон овардaнд, дар ҳоле, ки мутеъи Худо буда ва оёти Худоро ба баҳои андак намефурӯшанд ва подоши онон назди Худост, ҳаққо, ки Худо сариъулҳисоб аст. Эй аҳли эмон, сабр кунед ва якдигарро

ба сабр суғориш кунед ва хештанро омодаи ҷанг нигаҳ доред ва аз Худо битарсед, бошад, ки растагор шавед. Сураи “Оли Имрон” 190-200.

## 2 - ДУОИ ҲАНГОМИ ПӮШИДАНИ ЛИБОС

٥- «الْحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي كَسَانِي هَذَا (الثَّوبَ) وَرَزَقَنِيهِ مِنْ غَيْرِ حَوْلٍ مِنِّي وَلَا قُوَّةٍ. . .»

**5-Алҳамду лиллоҳил-лазӣ касонӣ ҳозо (ас-савба) ва разақанӣҳи мин ғайри ҳавлин миннӣ ва ло қувватин.**

*5-Ситоиш аз они Худоест, ки ин либосро ба ман пушонид ва онро рӯзӣям гардонид, бидуни тавоноӣ ва қудрати ман.*

## 3- ДУОИ ПУШИДАНИ ЛИБОСИ НАВ

٦- «اللَّهُمَّ لَكَ الحَمْدُ أَنْتَ كَسَوْتَنِيهِ، أَسْأَلُكَ مِنْ خَيْرِهِ وَخَيْرِ مَا صُنِعَ لَهُ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّهِ وَشَرِّ مَا صُنِعَ لَهُ» .

**6-Аллоҳумма лакалҳамду анта касавтанийҳи, асъалука мин хайриҳи ва хайри мо суниъа лаҳу аъузӯ бика мин шарриҳи ва шарри мо суниъа лаҳу.**

*6-Худоё, ситоиш аз они Ту аст, Ту онро пушондай маро. Аз Ту мехоҳам аз хайру некии он ва хайри он чи либос барои он сохташуда ва паноҳ мебарам ба Ту аз шарри он ва шарри он чи ин либос барои он сохта шудааст.*

## 4 - ДУО БАРОИ КАСЕ КИ ЛИБОСИ НАВ ПӮШИДА БОШАД

٧- «تُبْلِي وَيُخْلِفُ اللهُ تَعَالَى» .

**7-Тублӣ ва юхлифуллоҳу таъоло.**

*7-Кухна кунӣ, Худои таъоло (бароят либоси дигаре) ҷойгузин кунад.*

٨- «اِلْبِسْ جَدِيداً، وَعِشْ حَمِيداً، وَمُتْ شَهِيداً» .

**8-Илбис ҷадидан ва ъиш ҳамидан ва мут шаҳидан.**

*8-Нав бипӯшӣ ва некӯ зиндагӣ кунӣ ва шаҳид бимирӣ.*

## 5 - ОН ЧИ ҲАНГОМИ БАРОВАРДАНИ ЛИБОС ШОИСТА АСТ БИГӮЯД

**9-Бисмиллоҳи.** ٩- «بِسْمِ اللهِ»

*9-Ба номи Худо.*

## 6-ДУОИ ҲАНГОМИ ДАРОМАДАН БА ҲОҶАТХОНА

١٠- «[بِسْمِ اللهِ] اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْخُبُثِ وَالْخَبَائِثِ» .

**10-Бисмиллоҳи, аллоҳумма иннӣ аъузӯ бика**

**миналхубси валхабоиси.**

*10-Ба номи Худо, Худоё! Ман паноҳ мебарам ба ту аз шайтонҳои нар ва мода.*

## 7 - ДУОИ БАРОМАДАН АЗ ҲОҶАТХОНА

**11-Ғуфронака** ١١ – «غُفْرَانَكَ»

*11-Худоё, маро биёмурз.*

## 8 - ЗИКРИ ҚАБЛ АЗ ВУЗӮ КАРДАН

**12-Бисмиллоҳи.** ١٢ – «بِسْمِ اللهِ».

*12-Ба номи Худо.*

## 9 - ЗИКРИ БАЪД АЗ ТАМОМ КАРДАНИ ВУЗӮ

١٣ – «أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ وَأَشْهَدُ أَنَّ مُحَمَّداً عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ..».

**13-Ашҳаду ал-ло илоҳа ил-лаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва ашҳаду анна муҳаммадан ъабдуҳу ва расӯлуҳу.**

*13-Гувоҳӣ медиҳам ба ин, ки нест маъбуди бар ҳақ, магар Аллоҳ, ягона аст, нест шарику ҳамтое барои Ӯ ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад банда ва паёмбари Худо аст.*

١٤- «اللَّهُمَّ اجْعَلْنِي مِنَ التَّوَّابِينَ
وَاجْعَلْنِي مِنَ الْمُتَطَهِّرِينَ» .

**14-Аллоҳуммаҷъалнӣ минат-тавобӣна ваҷъалнӣ минал-мутатаҳҳирӣн.**

*14-Худоё, маро дар зумраи тавбакорон ва покон қарор деҳ.*

١٥- «سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ وَبِحَمْدِكَ، أَشْهَدُ أَنْ
لَا إِلَٰهَ إِلَّا أَنْتَ، أَسْتَغْفِرُكَ وَأَتُوبُ إِلَيْكَ» .

**15-Субҳонакаллоҳумма ва биҳамдика ашҳаду ало илоҳа илло анта астағфирука ва атӯбу илайк.**

*15-Худоё, Туро ба покӣ ёд мекунам ва ситоишат мекунам. Шаҳодат медиҳам ба ин ки нест маъбуди бар ҳақ, магар Ту, аз Ту омурзиш мехоҳам ва ба сӯи Ту тавба мекунам.*

## 10-ЗИКРИ БАРОМАДАН АЗ МАНЗИЛ

١٦- «بِسْمِ اللهِ، تَوَكَّلْتُ عَلَى اللهِ، وَلَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللهِ» .

**16-Бисмиллоҳи таваккалту алаллоҳи ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи.**

*16-Ба номи Худо, таваккал кардам бар Худо ва нест тавоноӣ (барои парҳезгорӣ) ва нест* қудрате *(барои тоати Худо), магар бо кумаку ёрии Худованд.*

١٧- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ أَنْ أَضِلَّ، أَوْ أُضَلَّ، أَوْ أَزِلَّ، أَوْ أُزَلَّ، أَوْ أَظْلِمَ، أَوْ أُظْلَمَ، أَوْ أَجْهَلَ، أَوْ يُجْهَلَ عَلَيَّ» .

**17-Аллоҳумма иннӣ аъӯзу бика ан азилла ав узалла ав азилла ав узалла ав азлима ав узлама ав аҷҳал ав юҷҳала ъалайя.**

*17-Худоё, паноҳ мебарам ба Ту аз ин ки гумроҳ мешавам, ё гумроҳ карда шавам, ё билағжам, ё лағжонда шавам, ё зулм кунам, ё ба ман зулм шавад, ё азият кунам, ё азият карда шавам.*

## 11-ЗИКРИ ҲАНГОМИ ДАРОМАДАН БА МАНЗИЛ

١٨ – «بِسْمِ اللهِ وَلَجْنَا، وَبِسْمِ اللهِ خَرَجْنَا، وَعَلَىٰ رَبِّنَا تَوَكَّلْنَا، ثُمَّ لِيُسَلِّمْ عَلَىٰ أَهْلِهِ»

**18-Бисмиллоҳи валаҷно ва бисмиллоҳи хараҷно ва ъало раббино таваккално.** (Сипас ба аҳли хонаводааш салом кунад).

*18-Ба номи Худо даромадем ва ба номи Худо хориҷ шудем ва ба Парвардигорамон таваккал кардем.*[1]

---

[1] Паёмбар (с) мефармоянд: Ҳар гоҳ шахсе ба хонааш дарояд ва вақти даромадан ва хӯрок хӯрданаш зикри Худо кунад, шайтон (ба ёронаш) мегӯяд: наметавонед биҳобед ва наметавонед хӯрок бихӯред.

## 12-ДУОИ РАФТАН БА МАСҶИД

١٩ - اللَّهُمَّ اجْعَلْ فِي قَلْبِي نُوراً، وَفِي لِسَانِي نُوراً، وَفِي سَمْعِي نُوراً، وَفِي بَصَرِي نُوراً، وَمِنْ فَوْقِي نُوراً، وَمِنْ تَحْتِي نُوراً، وَعَنْ يَمِينِي نُوراً، وَعَنْ شِمَالِي نُوراً، وَمِنْ أَمَامِي نُوراً، وَمِنْ خَلْفِي نُوراً، وَاجْعَلْ فِي نَفْسِي نُوراً، وَأَعْظِمْ لِي نُوراً، وَعَظِّمْ لِي نُوراً، وَاجْعَلْ لِي نُوراً، وَاجْعَلْنِي نُوراً، اللَّهُمَّ أَعْطِنِي نُوراً، وَاجْعَلْ فِي عَصَبِي نُوراً، وَفِي لَحْمِي نُوراً، وَفِي دَمِي نُوراً، وَفِي شَعْرِي نُوراً، وَفِي بَشَرِي نُوراً

**19-Аллоҳуммаҷъал фи қалбӣ нӯран ва фӣ лисонӣ нӯран ва фӣ самъӣ нӯран ва фӣ басарӣ нӯран ва мин фавқӣ нӯран ва мин таҳтӣ нӯран ва ъан ямӣнӣ нӯран ва ъан шимолӣ нӯран ва мин амомӣ нӯран ва мин халфӣ нӯран ваҷъал фӣ нафсӣ нӯран ва аъзим лӣ нӯран ва ъазим лӣ**

**нӯран ваҷъал лӣ нӯран ваҷъалнӣ нӯран. Аллоҳумма аътинӣ нӯран ваҷъал фӣ ъасабӣ нуран ва фӣ лаҳмӣ нӯран ва фӣ дамӣ нӯран ва фӣ шаърӣ нӯран ва фӣ башарӣ нӯран.**

*19-Худоё, қарор деҳ дар қалбам нуре ва дар забонам нуре ва дар гушам нуре ва дар чашмам нуре ва аз болоям ва аз поёнам нуре ва аз самти ростам ва аз самти чапам ва аз самти пешам ва аз самти пуштам нуре ва дар ҷонам нуреро бияндоз ва бузургу баландқадр фармо бароям нуре ва қарор деҳ бароям нуре ва бигардон маро нуре. Худоё, ба ман нуре ато фармо ва бигардон дар раг, гушт, хун, мӯ ва пӯстам нуре.*

## 13-ДУОИ ДАРОМАДАН БА МАСҶИД

٢٠- «أَعُوذُ بِاللهِ الْعَظِيمِ، وَبِوَجْهِهِ الْكَرِيمِ، وَسُلْطَانِهِ الْقَدِيمِ، مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ» [بِسْمِ اللهِ، وَالصَّلَاةُ] [وَالسَّلَامُ عَلَىٰ رَسُولِ اللهِ] «اللَّهُمَّ افْتَحْ لِي أَبْوَابَ رَحْمَتِكَ»

**20-Аъӯзу биллоҳилъазӣм ва бивачҳиҳилкарӣм ва султониҳилқадӣм минашшайтониррачим. Бисмиллоҳи вас-салоту вас-салому ъало расӯлиллоҳ, аллоҳуммафтаҳ лӣ абвоба раҳматика.**

*20-Паноҳ мебарам ба Худои Бузургвор ва ба рӯи гиромиаш ва султони азалиаш аз шайтони рондашуда. Ба номи Худо медароям ва дуруду салом бар Расули Худо бод. Худоё, дарвозаҳои эҳсонатро бароям бикушо.*

## 14-ДУОИ БАРОМАДАН АЗ МАСЧИД

٢١ - «بِسْمِ اللهِ وَالصَّلَاةُ وَالسَّلَامُ عَلَىٰ رَسُولِ اللهِ، اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ مِنْ فَضْلِكَ، اللَّهُمَّ اعْصِمْنِي مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ».

**21-Бисмиллоҳи вас-салоту вас-салому ъало расулиллоҳ, аллоҳумма иннӣ асъалука мин фазлика, аллоҳуммаъсимнӣ минаш-шайтониррачӣм.**

*21-Ба номи Худо ва дуруду салом бар Расули Аллоҳ бод. Худоё, ман аз Ту эҳсонатро мехоҳам. Худоё, маро аз шайтони рондашуда ҳифз фармо.*

## 15-ЗИКРҲОИ АЗОН

22-Шунавандаи азон ҳар он чиро, ки муаззин мегӯяд, такрор мекунад, магар ҳангоми шунидани

«حَيَّ عَلَى الصَّلَاةِ وَحَيَّ عَلَى الْفَلَاحِ»

**"Ҳайя ъалас-салоти ва ҳайя ъалалфалоҳ"**, ки ба ҷои такрори он мегӯяд:

«لَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللهِ»

**Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи.**

23-Ва баъд аз ташаҳҳуди муаззин, яъне баъд аз "Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадар-расӯлуллоҳ" гуфтани муаззин мегӯяд:

٢٣- «وَأَنَا أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ وَأَنَّ مُحَمَّداً عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ، رَضِيتُ بِاللهِ رَبّاً، وَبِمُحَمَّدٍ رَسُولاً، وَبِالإِسْلَامِ دِيناً»

**Ва ана ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу ва анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу. Разийту биллоҳи раббан ва би Муҳаммадин расӯлан ва бииcломи дӣнан,** *яъне ва ман низ шаҳодат медиҳам ба ин ки нест маъбуди бар ҳақ, магар Аллоҳ, ягона аст, нест шарику анбозе барои Ӯ ва ин ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост. Розӣ шудам ба парвардигории Худо ва ба пайғамбарии Муҳаммад (с) ва ба диёнати ислом.*

24-Баъд аз он, ки такрор карданаш бо муаззин ба поён расид, бар паёмбар (с) салавот мефиристад.

٢٥- «اللَّهُمَّ رَبَّ هٰذِهِ الدَّعْوَةِ التَّامَّةِ، وَالصَّلاَةِ الْقَائِمَةِ، آتِ مُحَمَّداً الْوَسِيلَةَ وَالْفَضِيلَةَ، وَابْعَثْهُ مَقَاماً مَحْمُوداً الَّذِي وَعَدْتَهُ، [إِنَّكَ لاَ تُخْلِفُ الْمِيعَادَ]».

**25-Баъд аз салавот мегӯяд: Аллоҳумма рабба ҳозиҳид-даъватит-томмати вас-салотилкоимати, оти Муҳаммаданил-василата валфазилата вабъасҳу макомам-маҳмӯданил-лазӣ ваъадтаҳу иннака ло тухлифулмиъод.**

*25-Худоё, эй соҳиби ин даъвати комил (азон)ва намозе, ки барпо мешавад, ба Муҳаммад васила ва фазилатро бидеҳ ва бидеҳ ӯро мақоми некӯе, ки ба ӯ ваъда додаӣ, ҳамоно Ту хилофи ваъда намекунӣ.*

26-Байни азон ва иқомат барои худ дуо кунад, зеро ки дуо дар он вақт мустаҷоб мешавад.

## 16 - ДУОИ ИСТИФТОҲ (ОН ЧИ ДАР НАМОЗ БАЪД АЗ ТАКБИРАТУЛИҲРОМ ВА ҚАБЛ АЗ ФОТИҲА ХОНДА МЕШАВАД)

٢٧- «اللَّهُمَّ بَاعِدْ بَيْنِي وَبَيْنَ خَطَايَايَ كَمَا بَاعَدْتَ بَيْنَ الْمَشْرِقِ وَالْمَغْرِبِ، اللَّهُمَّ نَقِّنِي مِنْ خَطَايَايَ، كَمَا يُنَقَّى الثَّوْبُ الأَبْيَضُ مِنَ الدَّنَسِ، اللَّهُمَّ اغْسِلْنِي مِنْ خَطَايَايَ، بِالثَّلْجِ وَالْمَاءِ وَالْبَرَدِ» .

**27-Аллоҳумма боъид байнӣ ва байна хатоёя камо боъадта байнал машриқи валмағриб, аллоҳумма наққинӣ мин хатоёя камо юнаққассавбул-абязу минад-данаси, аллоҳуммағсилнӣ мин хатоёя бис-салҷи валмои валбаради.**

*27-Худоё, байни ман ва байни хатоҳоям дурӣ бияндоз, ҳамчуноне, ки байни машриқ ва мағриб фосила андохтӣ. Худоё, маро аз хатоҳоям пок гардон, ҳамчуноне, ки либоси сафед аз чирк пок мешавад, Худоё, маро аз хатоҳоям бо барф, об ва жола бишӯй.*

۲۸- «سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ وَبِحَمْدِكَ، وَتَبَارَكَ اسْمُكَ، وَتَعَالَىٰ جَدُّكَ، وَلَا إِلَـٰهَ غَيْرُكَ» .

**28-Субҳонакаллоҳумма ва биҳамдика ва таборакасмука ва таъоло ҷаддука ва лоилоҳа ғайрук.**

*28-Худоё, Туро ба покӣ ёд мекунам ва ситоиши Туро мегӯям ва бобаракат аст̆ номи Ту ва баланд мартаба аст бузургвории Ту ва нест маъбуде бар ҳақ ғайр аз Ту.*

۲۹- «وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ السَّمٰوَاتِ وَالْأَرْضَ حَنِيفاً وَمَا أَنَا مِنَ الْمُشْرِكِينَ، إِنَّ صَلَاتِي، وَنُسُكِي، وَمَحْيَايَ، وَمَمَاتِي لِلَّـٰهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ،

لَا شَرِيكَ لَهُ وَبِذٰلِكَ أُمِرْتُ وَأَنَا مِنَ الْمُسْلِمِينَ. اللَّهُمَّ أَنْتَ الْمَلِكُ لَا إِلَٰهَ إِلَّا أَنْتَ. أَنْتَ رَبِّي وَأَنَا عَبْدُكَ، ظَلَمْتُ نَفْسِي وَاعْتَرَفْتُ بِذَنْبِي فَاغْفِرْ لِي ذُنُوبِي جَمِيعاً إِنَّهُ لَا يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا أَنْتَ. وَاهْدِنِي لِأَحْسَنِ الْأَخْلَاقِ لَا يَهْدِي

لِأَحْسَنِهَا إِلَّا أَنْتَ، وَاصْرِفْ عَنِّي سَيِّئَهَا، لَا يَصْرِفُ عَنِّي سَيِّئَهَا إِلَّا أَنْتَ، لَبَّيْكَ وَسَعْدَيْكَ، وَالْخَيْرُ كُلُّهُ بِيَدَيْكَ، وَالشَّرُّ لَيْسَ إِلَيْكَ، أَنَا بِكَ وَإِلَيْكَ، تَبَارَكْتَ وَتَعَالَيْتَ، أَسْتَغْفِرُكَ وَأَتُوبُ إِلَيْكَ».

**29-Ваччаҳту ваҷҳи лиллазӣ фатарас-самовоти валарза ҳанӣфан ва мо ана миналмушрикӣн, инна салотӣ ва нусукӣ ва маҳёя ва мамотӣ лиллоҳи раббилъоламӣн ло шарика лаҳу ва бизолика умирту ва ана миналмуслимӣн.**

**Аллоҳумма анталмалику ло илоҳа илло анта, анта раббӣ ва ана ъабдука заламту нафсӣ ваъ-тарафту бизанбӣ фағфир лӣ зунӯбӣ ҷамиъан иннаҳу ло яғфируз-зунӯба илло анта, ваҳдинӣ лиаҳсанил ахлоқи ло яҳдӣ лиаҳсаниҳо илло анта, васриф ъаннӣ саййиаҳо лоясрифу ъаннӣ саййиаҳо илло анта. Лаббайка ва саъдайка валхайру куллуҳу биядайка ваш-шарру лайса илайка ва ана бика ва илайка таборакта ва таъолайта астағфирука ва атӯбу илайк.**

*29-Гардонидам рӯямро ба тарафи касе, ки офарид осмонҳо ва заминро, дар ҳоле, ки моил ба дини ҳаққам ва аз мушрикон нестам. Ҳароина намози ман ва ибодати ман ва зиндагии ман ва мурдани ман барои Худоест, ки Парвардигори оламиён аст, нест шарику анбозе барои Ӯ ва ман ба ин тавҳид амр шудаам ва ман аз мусалмононам. Худоё, Ту подшоҳӣ, нест маъбуде бар ҳақ, магар Ту, Ту Парвардигори ман ҳастӣ ва ман бандаи Туам ба худ зулм кардаам ва ба гуноҳам иътироф мекунам, пас ҳама гуноҳони маро биёмурз. Ҳароина ғайр аз Ту касе омурзандаи гуноҳон нест ва маро ба беҳтарин ахлоқ ҳидоят фармо, ки касе ғайр аз Ту ба беҳтарин ахлоқ ҳидоят намекунад ва аз ман ах-*

*лоқи бадро дур гардон ки аз ман ахлоқи бадро дур намегардонад, касе магар Ту. Гӯш ба фармони Ту ҳастам ва инчунин некбахтӣ дар итоату фармони Ту аст ва хайру некӣ ҳамааш дар дасти Ту аст ва шарру бадӣ ба Ту нисбат дода намешавад ва ман махлуқи туам ва ба сӯи Ту бармегардам, бисёр бобаракат ва баландмартабаӣ, аз Ту омурзиш мехоҳам ва ба сӯи Ту тавба мекунам.*

۳۰- «اللَّهُمَّ رَبَّ جِبْرَائِيلَ، وَمِيكَائِيلَ، وَإِسْرَافِيلَ فَاطِرَ السَّمٰوَاتِ وَالأَرْضِ، عَالِمَ الْغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ، أَنْتَ تَحْكُمُ بَيْنَ عِبَادِكَ فِيمَا كَانُوا فِيهِ يَخْتَلِفُونَ. اهْدِنِي لِمَا اخْتُلِفَ فِيهِ مِنَ الْحَقِّ بِإِذْنِكَ إِنَّكَ تَهْدِي مَنْ تَشَاءُ إِلَىٰ صِرَاطٍ مُسْتَقِيمٍ»

**30-Аллоҳумма рабба Ҷиброила ва Микоила ва Исрофила, фотирас-самовоти валарзи, ъолималғайби вашшаҳодати, анта таҳкуму байна ъибодика фӣмо конӯ фиҳи яхталифӯн,**

**иҳдинӣ лимахтулифа фӣҳи миналҳаққи биизника, иннака таҳдӣ ман ташоъу ило сиротиммустақӣм.**

*30-Худоё, эй Парвардигори Ҷибраил ва Микоил ва Исрофил, Офаринандаи осмонҳо ва замин. Огоҳ ба ниҳону ошкор, Ту миёни бандагони худ ҳукм мекунӣ дар чизе, ки эшон дар он ихтилоф мекардаанд, маро ҳидоят фармо дар он чи ихтилоф карда шуд дар он аз ҳақ ба иродаи Ту. Барости, ки Ту ҳар киро бихоҳӣ ба роҳи рост ҳидоят мекунӣ.*

٣١- «اللهُ أكبرُ كبيراً، وَالحَمدُ لِلّهِ كثيراً، وَسُبحانَ اللهِ بُكرَةً وَأصيلاً» ثلاثَ مرّاتٍ

**31-Аллоҳу акбару кабиро, валҳамду лиллоҳи касиро ва субҳоналлоҳи букратан ва асӣло.** (Се бор).

*31-Худо бузургтар аст чи бузургтаре, Худо бузургтар аст чи бузургтаре Худо бузургтар аст чи бузургтаре ва ситоиш аз они Худост, ситоиши зиёд ва ситоиш аз они Худост, сито-*

*иши зиёд ва ситоиш аз они Худост, ситоиши зиёд ва Худоро субҳу шом ба покӣ ёд мекунам.*

«أَعُـوذُ بِاللهِ مِنَ الشَّيْطَانِ : مِنْ نَفْخِهِ، وَنَفْثِهِ، وَهَمْزِهِ»

**Аъӯзу биллоҳи минаш-шайтони мин нафхиҳи ва нафсиҳи ва ҳамзиҳи.**

*Паноҳ мебарам ба Худо аз шайтон аз кибри он ва аз пуфкардани он ва саръи он.*

٣٢- «اللَّهُمَّ لَكَ الْحَمْدُ أَنْتَ نُورُ السَّمٰوَاتِ وَالْأَرْضِ وَمَنْ فِيهِنَّ، وَلَكَ الْحَمْدُ أَنْتَ قَيِّمُ السَّمٰوَاتِ وَالْأَرْضِ وَمَنْ فِيهِنَّ، [وَلَكَ الْحَمْدُ أَنْتَ رَبُّ السَّمٰوَاتِ وَالْأَرْضِ وَمَنْ فِيهِنَّ] [وَلَكَ الْحَمْدُ لَكَ مُلْكُ السَّمٰوَاتِ وَالْأَرْضِ وَمَنْ فِيهِنَّ] [وَلَكَ الْحَمْدُ أَنْتَ مَلِكُ السَّمٰوَاتِ وَالْأَرْضِ] [وَلَكَ الْحَمْدُ]

[أَنْتَ الْحَقُّ، وَوَعْدُكَ الْحَقُّ، وَقَوْلُكَ الْحَقُّ، وَلِقَاؤُكَ الْحَقُّ، وَالْجَنَّةُ حَقٌّ، وَالنَّارُ حَقٌّ، وَالنَّبِيُّونَ حَقٌّ، وَمُحَمَّدٌ ﷺ حَقٌّ، وَالسَّاعَةُ حَقٌّ] [اللَّهُمَّ لَكَ أَسْلَمْتُ، وَعَلَيْكَ تَوَكَّلْتُ، وَبِكَ آمَنْتُ،

وَإِلَيْكَ أَنَبْتُ، وَبِكَ خَاصَمْتُ، وَإِلَيْكَ حَاكَمْتُ. فَاغْفِرْ لِي مَا قَدَّمْتُ، وَمَا أَخَّرْتُ، وَمَا أَسْرَرْتُ، وَمَا أَعْلَنْتُ] [أَنْتَ الْمُقَدِّمُ، وَأَنْتَ الْمُؤَخِّرُ لَا إِلَـٰهَ إِلَّا أَنْتَ] [أَنْتَ إِلَـٰهِي لَا إِلَـٰهَ إِلَّا أَنْتَ]» .

**32-Аллоҳумма лакалҳамду, анта нӯрус-самовоти валарзи ва ман фӣҳинна ва лакалҳамду антақайййимус-самовоти валарзи ва ман фӣҳинна ва лакалҳамду лака мулкуссамовоти валарзи ва ман фӣҳинна ва лакалҳамду, анта маликуссамовоти валарзи ва лакалҳамду анталҳаққу ва ваъдукалҳаққу ва қавлука-**

**лҳаққу ва лиқоукалҳаққу валҷаннату ҳаққун ван-нору ҳаққун ван-набийюна ҳаққун ва Муҳаммадун (с) ҳаққун вас-соъату ҳаққун. Аллоҳумма лака асламту ваъалайка таваккалту ва бика оманту ва илайка анабту ва бика хосамту ва илайка ҳокамту фағфир лӣ мо қаддамту ва мо аххарту ва мо асрарту ва мо аъланту анталмуқаддиму ва анталмуаххиру ло илоҳа илло анта, анта илоҳӣ ло илоҳа илло анта.**

*32-Худоё, ситоиш аз они Ту аст, Ту нури осмонҳо ва замин ва ҳар он ки дар он аст ҳастӣ аз они Ту аст ситоиш, Ту тадбиркунандаи осмонҳо ва замин ва ҳар он ки дар он аст ҳастӣ ва аз они Ту аст ситоиш, Ту Парвардигори осмонҳо ва замин ва ҳар он ки дар он аст ҳастӣ ва аз они Ту аст ситоиш, аз они Ту аст ҳастии осмонҳо ва замин ва ҳар он ки дар он аст ва аз они Ту аст ситоиш, Ту Подшоҳи осмонҳо ва заминӣ ва аз они Ту аст ситоиш, Ту Ҳаққӣ ва ваъдаи Ту рост аст ва каломи Ту ва дидори Ту ва Биҳишту Ҷаҳаннам ҳақиқат аст ва паёмбарон ва Муҳаммад (с) барҳақанд ва қиёмат ҳақиқат аст. Худоё, худро ба Ту таслим кардам ва бар Ту таваккал кардам ва ба Ту эмон овардам ва ба сӯи Ту баргаштам ва*

*барои Ту бо душман пайкор кардам ва ба дастури Ту ҳукм кардам, пас гуноҳони гузаштаву оянда ва ниҳону ошкори маро биёмурз, Ту пешдиҳанда ва ақибандозандаӣ, нест маъбуде бар ҳақ, магар Ту. Ту маъбуди мани, нест маъбуде бар ҳақ, магар Ту.*

## 17-ДУОИ РУКӮЪ

٣٣- «سُبْحَانَ رَبِّيَ الْعَظِيمِ»

**33-Субҳона раббиялъазим** (Се бор).

*33-Пок аст Парвардигори бузургвори ман.*

٣٤- «سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ رَبَّنَا وَبِحَمْدِكَ اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي»

**34-Субҳонакаллоҳумма раббано ва биҳамдика, Аллоҳуммағфирлӣ.**

*34-Туро ба покӣ ёд мекунам, Худоё, эй Парвардигори мо ва ситоиш мекунам Туро, Худоё, маро биёмурз.*

٣٥- «سُبُّوحٌ، قُدُّوسٌ، رَبُّ الْمَلَائِكَةِ وَالرُّوحِ» .

**35-Суббӯҳун куддӯсун раббулмалоикати вар-рӯҳи.**

*35-Дар ниҳоят покӣ ва беайбу нақс аст парвардигори малоика ва Ҷибраил.*

٣٦- «اللَّهُمَّ لَكَ رَكَعْتُ، وَبِكَ آمَنْتُ، وَلَكَ أَسْلَمْتُ خَشَعَ لَكَ سَمْعِي، وَبَصَرِي، وَمُخِّي، وَعَظْمِي، وَعَصَبِي، وَمَا اسْتَقَلَّ بِهِ قَدَمِي» .

**36-Аллоҳумма лака ракаъту ва бика оманту ва лака асламту хашаъа лака самъӣ ва басарӣ ва муххӣ ва ъазмӣ ва ъасабӣ ва мастақалла биҳи қадамӣ.**

*36-Худоё, барои Ту рукӯъ кардам ва ба Ту эмон овардам ва ба дастуроти Ту гардан ниҳодам. Фурӯтан шуд барои Ту гӯшам ва чашмам ва мағзам ва устухонам ва рагам ва он чи пои ман ҳомили он аст.*

٣٧- «سُبْحَانَ ذِي الْجَبَرُوتِ، وَالْمَلَكُوتِ، وَالْكِبْرِيَاءِ، وَالْعَظَمَةِ»

**37-Субҳона зӣлҷабарӯти валмалакӯти валкибирён валъазамати.**

*37-Пок аст Соҳиби султа ва мулки осмонҳо ва бузургиву азамат.*

## 18-ДУОИ БАЛАНД ШУДАН АЗ РУКӮЪ

٣٨- «سَمِعَ اللهُ لِمَنْ حَمِدَهُ»

**38-Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ.**

*38-Шунид ва қабул кард Худованд ситоиши касеро, ки Уро ситоиш намуд.*

٣٩- «رَبَّنَا وَلَكَ الْحَمْدُ، حَمْداً كَثِيراً طَيِّباً مُبَارَكاً فِيهِ» .

**39-Раббано ва лакалҳамду ҳамдан касӣран таййибан муборакан фӣҳи.**

*39-Парвардигоро, қабул фармо аз мо ва аз они Ту аст ситоиш, ситоиши зиёд, некӯ ва бобаракат.*

٤٠- «مِلْءَ السَّمٰوَاتِ وَمِلْءَ الأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا، وَمِلْءَ مَا شِئْتَ مِنْ شَيْءٍ بَعْدُ. أَهْلَ الثَّنَاءِ وَالْمَجْدِ، أَحَقُّ مَا قَالَ الْعَبْدُ، وَكُلُّنَا لَكَ عَبْدٌ. اللَّهُمَّ لَا مَانِعَ لِمَا أَعْطَيْتَ، وَلَا مُعْطِيَ لِمَا مَنَعْتَ، وَلَا يَنْفَعُ ذَا الْجَدِّ مِنْكَ الْجَدُّ»

**40-Мил-ассамовоти ва мил-ал арзи вамобайнаҳумо ва мила мо шиъта мин шайин баъду. Аҳлас-санои валмаҷди, аҳакку мо колалъабду ва куллуно лака ъабдун. Аллоҳумма ло мониъа лимо аътайта ва ло муътия лимо манаъта ва ло янфаъу залчадди минкалчадду.**

*40-Ситоише ба пурии осмонҳо ва пурии замин ва он чи миёни он ду аст ва пурии он чи меҳоҳи аз ҳар чиз баъд аз он. Ту сазовори мадҳ ва бузургворӣ ҳастӣ, Ту сазовортаринӣ нисбат ба он чи бандаат гуфт ва ҳамаи мо бандаи Туем. Худоё, боздорандае аз он чи меҳоҳӣ ато фармоӣ нест ва диҳандае аз он чи хоҳи манъ намоӣ нест ва сӯд надиҳад тавонгареро тавонгариаш назди Ту.*

## 19 - ДУОИ СУҶӮД

۴۱- «سُبْحَانَ رَبِّيَ الأَعْلَىٰ»

**41-Субҳона раббиялаъло (Се бор).**

*41-Пок аст парвардигори бартари ман.*

۴۲- «سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ رَبَّنَا وَبِحَمْدِكَ اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي» .

**42-Субҳонакаллоҳумма раббано ва биҳамдика, Аллоҳуммағфир лӣ.**

*42-Туро ба покӣ ёд мекунам Худоё, эй Парвардигори мо ва ситоиш мекунам Туро, Худоё, маро биёмурз.*

۴۳- «سُبُّوحٌ، قُدُّوسٌ، رَبُّ الْمَلَائِكَةِ وَالرُّوحِ» .

**43-Суббӯҳун қуддӯсун раббулмалоикати вар-рӯҳи.**

*43-Дар ниҳоят покӣ ва беайбу нақс аст Парвардигори малоика ва Ҷибраил.*

٤٤- «اللَّهُمَّ لَكَ سَجَدْتُ وَبِكَ آمَنْتُ، وَلَكَ أَسْلَمْتُ، سَجَدَ وَجْهِيَ لِلَّذِي خَلَقَهُ، وَصَوَّرَهُ، وَشَقَّ سَمْعَهُ وَبَصَرَهُ، تَبَارَكَ اللهُ أَحْسَنُ الْخَالِقِينَ»

**44-Аллоҳумма лака саҷадту ва бика оманту ва лака асламту, саҷада ваҷҳӣ лиллазӣ халақаҳу ва саввараҳу ва шаққа самъаҳу ва басараҳу таборакаллоҳу аҳсанулхоликӣн.**

*44-Худоё, барои Ту саҷда кардам ва ба Ту эмон овардам ва ба дастуроти Ту гардан ниҳодам. Саҷда кард рӯи ман барои касе, ки онро биёфарид ва бингорид ва бишикофт (дар он) гӯш ва чашмашро, офарин бар Худо, ки беҳтарин офарандагон аст.*

٤٥- «سُبْحَانَ ذِي الْجَبَرُوتِ، وَالْمَلَكُوتِ، وَالْكِبْرِيَاءِ، وَالْعَظَمَةِ» .

**45-Субҳона зӣлҷабарӯти валмалакӯти валкибриёи валъазамати.**

*45-Пок аст Соҳиби султа ва мулки осмонҳо ва бузургиву азамат.*

٤٦- «اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي ذَنْبِي كُلَّهُ، دِقَّهُ وجِلَّهُ، وَأَوَّلَهُ وَآخِرَهُ وَعَلَانِيَتَهُ وَسِرَّهُ» .

**46-Аллоҳуммағфирлӣ занбӣ куллаҳу, диққаҳу ва ҷиллаҳу ва аввалаҳу ва охираҳу ва ъалониятаҳу ва сирраҳу.**

*46-Худоё, биёмурз ҳамаи гуноҳони маро, каму зиёди онро, ва аввалу охири онро ва ошкору ниҳони онро.*

٤٧- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِرِضَاكَ مِنْ سَخَطِكَ، وَبِمُعَافَاتِكَ مِنْ عُقُوبَتِكَ وَأَعُوذُ بِكَ مِنْكَ، لَا أُحْصِي ثَنَاءً عَلَيْكَ أَنْتَ كَمَا أَثْنَيْتَ عَلَىٰ نَفْسِكَ» .

**47-Аллоҳумма иннӣ аъӯзу биризока мин сахатика ва бимуъофотика мин ъуқӯбатика ва аъӯзу бика минка ло уҳсӣ саноан ъалайка анта камо аснайта ъало нафсика.**

*47-Худоё, паноҳ мебарам ба ризои Ту аз хашмат ва ба офияти Ту аз азобат ва паноҳ мебарам ба Ту аз хашмат ва наметавонам шумориш кунам мадҳи Туро, он чуноне, ки худат хештанро мадҳ гуфтаӣ.*

## 20 - ДУОИ ҲАНГОМИ НИШАСТАН БАЙНИ ДУ САҶДА

٤٨- «رَبِّ اغْفِرْ لِي رَبِّ اغْفِرْ لِي»

**48-Раббиғфирлӣ, раббиғфирлӣ.**

*48-Парвардигоро, маро биёмурз, Парвардигоро маро биёмурз.*

٤٩- «اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي، وَارْحَمْنِي، وَاهْدِنِي، وَاجْبُرْنِي، وَعَافِنِي، وَارْزُقْنِي، وَارْفَعْنِي».

**49-Аллоҳуммағфирлӣ варҳамнӣ ваҳдинӣ ваҷбурнӣ ва ъофинӣ варзуқнӣ варфаънӣ.**

*49-Худоё, маро биёмурз ва ба ман раҳм фармо ва маро ҳидоят кун ва нақси маро ҷуброн фармо ва ба ман офият ва рӯзӣ деҳ ва дараҷаи маро баланд фармо.*

## 21 - ДУОИ САҶДАИ ТИЛОВАТИ ҚУРЪОН

٥٠ - «سَجَدَ وَجْهِيَ لِلَّذِي خَلَقَهُ، وَشَقَّ سَمْعَهُ وَبَصَرَهُ بِحَوْلِهِ وَقُوَّتِهِ، ﴿فَتَبَارَكَ اللَّهُ أَحْسَنُ الْخَالِقِينَ﴾»

**"50-Саҷада ваҷҳӣ лил-лазӣ халақаҳу ва шаққа самъаҳу ва басараҳу биҳавлиҳи ва қувватиҳи (фатаборакаллоҳу аҳсанулхолиқӣн.)**

*50- Саҷда кард рӯи ман барои зоте, ки онро биёфарид ва бишикофт (дар он) гӯш ва чашмашро, ба тавоноӣ ва қудрати худ, **(пас офарин бар Худованд , ки беҳтарини офаринандагон аст.)***

٥١ - «اللَّهُمَّ اكْتُبْ لِي بِهَا عِنْدَكَ أَجْراً، وَضَعْ عَنِّي بِهَا وِزْراً، وَاجْعَلْهَا لِي عِنْدَكَ ذُخْراً، وَتَقَبَّلْهَا مِنِّي كَمَا تَقَبَّلْتَهَا مِنْ عَبْدِكَ دَاوُدَ»

**51-Аллоҳуммактуб лӣ биҳо ъиндака аҷран ва заъ ъаннӣ биҳо визран ваҷъалҳо лӣ ъиндака зухран ва тақаббалҳо миннӣ камо тақаббалтаҳо мин ъабдика Довуда.**

*51-Худоё, бо ин саҷда бароям назди худат савобе бинавис ва азман гуноҳеро дӯр соз ва ин саҷдаро барои ман дар назди худат андӯхтае бигардон ва аз ман ин саҷдаро қабул фармо, ҳамчуноне ки аз бандаат Довуд қабул фармудӣ.*

## 22 - ТАШАҲҲУД

٥٢-التَّحِيَّاتُ لِلَّهِ، وَالصَّلَوَاتُ، وَالطَّيِّبَاتُ، السَّلَامُ عَلَيْكَ أَيُّهَا النَّبِيُّ وَرَحْمَةُ اللهِ وَبَرَكَاتُهُ، السَّلَامُ عَلَيْنَا وَعَلَى عِبَادِ اللهِ الصَّالِحِينَ. أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَأَشْهَدُ أَنَّ مُحَمَّداً عَبْدُهُ وَرَسُولُهُ».

**52-Аттаҳиёту лиллоҳи вассалавоту ват-тайибот. Ассалому ъалайка аюҳаннабийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу. Ассалому ъалайно**

**ва ъало ъибодиллоҳиссолиҳӣн. Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расӯлуҳ.**

*52-Эҳтиромот ва дуоҳову накӯиҳо аз они Худост. Саломи раҳмати Худо ва баракати Ӯ бар ту, эй паёмбар. Салом бар мо ва бар бандагони накӯкори Худо. Гувоҳӣ медиҳам ба ин ки нест маъбуде бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худост.*

## 23 - САЛАВОТ БАР ПАЁМБАР (С) БАЪД АЗ ТАШАҲҲУД (АТТАҲИЁТ)

٥٣- اللَّهُمَّ صَلِّ عَلَىٰ مُحَمَّدٍ وَعَلَىٰ آلِ مُحَمَّدٍ، كَمَا صَلَّيْتَ عَلَىٰ إِبْرَاهِيمَ وَعَلَىٰ آلِ إِبْرَاهِيمَ، إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ، اللَّهُمَّ بَارِكْ عَلَىٰ مُحَمَّدٍ وَعَلَىٰ آلِ مُحَمَّدٍ كَمَا بَارَكْتَ عَلَىٰ إِبْرَاهِيمَ وَعَلَىٰ آلِ إِبْرَاهِيمَ، إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ»

**53-Аллоҳумма салли ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммадин камо саллайта ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳима иннака ҳамидуммаҷид. Аллоҳумма борик ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад камо боракта ъало Иброҳима ва ъало Оли Иброҳима иннака ҳамидуммаҷид.**

*53-Худоё ,бар Муҳаммад ва Оли Муҳаммад дурӯд фирист, ҳамчуноне, ки дурӯд фиристодӣ бар Иброҳим ва Оли Иброҳим ҳамоно ту сутуда ва боазаматӣ. Худоё бар Муҳаммад ва Оли Муҳаммад баракат деҳ; ҳамчуноне, ки баракат додӣ бар Иброҳим ва Оли Иброҳим ҳароина ту сутуда ва бузаматӣ.*

٥٤- اللَّهُمَّ صَلِّ عَلَىٰ مُحَمَّدٍ وَعَلَىٰ أَزْوَاجِهِ وَذُرِّيَّتِهِ، كَمَا صَلَّيْتَ عَلَىٰ آلِ إِبْرَاهِيمَ. وَبَارِكْ عَلَىٰ مُحَمَّدٍ وَعَلَىٰ أَزْوَاجِهِ وَذُرِّيَّتِهِ، كَمَا بَارَكْتَ عَلَىٰ آلِ إِبْرَاهِيمَ. إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ» .

**54-Аллоҳумма салли ало Муҳаммадин ва**

**ъало азвочиҳи ва зурриятиҳи, камо саллайта ъало оли Иброҳима ва борик ъало Муҳаммадин ва ъало азвочиҳи ва зуриятиҳӣ, камо боракта ъало оли Иброҳима иннака ҳамидум мачид.**

*54- Худоё бар Муҳаммад ва ҳамсарону фарзандонаш дурӯд фирист, ҳамчуноне, ки дурӯд фиристодӣ бар Оли Иброҳим ва баракат деҳ, бар Муҳаммад ва ҳамсарону фарзандонаш ҳамонгуна, ки баракат додӣ бар Оли Иброҳим ҳамоно ту сутуда ва бузургӣ.*

## 24 - ДУОИ БАЪД АЗ ТАШАҲҲУДИ ОХИР ВА ҚАБЛ АЗ САЛОМ

٥٥- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ عَذَابِ الْقَبْرِ، وَمِنْ عَذَابِ جَهَنَّمَ، وَمِنْ فِتْنَةِ الْمَحْيَا وَالْمَمَاتِ، وَمِنْ شَرِّ فِتْنَةِ الْمَسِيحِ الدَّجَّالِ».

**55-Аллоҳумма инни аъӯзу бика мин азобил қабри ва мин азоби чаҳаннам ва мин фитнатил маҳё валмамот ва мин шарри фитнатил-Масиҳид-Даччол.**

*55-Худоё, ман паноҳ мебарам ба Ту аз азоби қабр ва аз азоби Чаҳаннам ва аз фитнаи зиндагию марг ва аз шарри фитнаи Масеҳи Даччол.*

٥٦- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ عَذَابِ الْقَبْرِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ الْمَسِيحِ الدَّجَّالِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ الْمَحْيَا وَالْمَمَاتِ. اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْمَأْثَمِ وَالْمَغْرَمِ»

**56-Аллоҳумма инни аъӯзу бика мин азобил қабри ва аъӯзу бика мин фитнатил масиҳид-Даччоли ва аъузу бика мин фитнатил маҳё валмамоти. Аллоҳумма инни аъӯзу бика минал-**

**маъсами валмағрами.**

*56-Худоё, ман паноҳ мебарам ба Ту аз азоби қабр ва паноҳ мебарам ба Ту аз фитнаи Даҷҷоли масиҳ ва паноҳ мебарам ба Ту аз фитнаи зиндагию марг. Худоё, ҳамоно ман паноҳ мебарам ба Ту аз гуноҳ ва бадеҳкорӣ (товон).*

٥٧- «اللَّهُمَّ إِنِّي ظَلَمْتُ نَفْسِي ظُلْماً كَثِيراً، وَلَا يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا أَنْتَ، فَاغْفِرْ لِي مَغْفِرَةً مِنْ عِنْدِكَ وَارْحَمْنِي إِنَّكَ أَنْتَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ» .

**57-Аллоҳумма иннӣ заламту нафсӣ зулман касиро ва ло яғфируз-зунӯба илло анта, фағфирлӣ мағфиратан мин ъиндика варҳамнӣ иннака анталғафӯрур-раҳим.**

*57-Худоё, ҳамоно ман ба худ зулм кардам, зулми зиёд ва ҷуз Ту касе гуноҳонро намеомурзад. Пас биёмурз маро омурзише аз фазли худат ва ба ман раҳм фармо ҳамоно Ту бисёр омурзанда ва бисёр меҳрубонӣ.*

٥٨- «اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي مَا قَدَّمْتُ، وَمَا أَخَّرْتُ، وَمَا أَسْرَرْتُ، وَمَا أَعْلَنْتُ، وَمَا أَسْرَفْتُ، وَمَا أَنْتَ أَعْلَمُ بِهِ مِنِّي. أَنْتَ الْمُقَدِّمُ، وَأَنْتَ الْمُؤَخِّرُ لَا إِلَـٰهَ إِلَّا أَنْتَ» .

**58-Аллоҳуммағфирлӣ мо қаддамту ва мо аххарту ва мо асрарту ва мо аъланту ва мо асрафту ва мо анта аъламу биҳи миннӣ анталмуқаддиму ва анталмуаххиру ло илоҳа илло анта.**

*58-Худоё гуноҳони гузаштаву оянда ва ниҳону ошкори маро биёмурз ва гуноҳоне, ки (дар он) зиёдаравӣ кардам ва гуноҳоне, ки Ту огоҳтарӣ ба он аз ман, Ту тақдимкунанда ва ақибандозандаӣ, нест маъбуде бар ҳақ ба ҷуз Ту.*

٥٩- «اللَّهُمَّ أَعِنِّي عَلَىٰ ذِكْرِكَ، وَشُكْرِكَ، وَحُسْنِ عِبَادَتِكَ»

**59-Аллоҳумма аъиннӣ ъало зикрика ва шукрика ва ҳусни ъибодатика.**

*59-Худоё, маро ёрӣ деҳ, дар зикру ёдат ва шукру ибодатат бағунаи писандида.*

٦٠- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْبُخْلِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنَ الْجُبْنِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ أَنْ أُرَدَّ إِلَى أَرْذَلِ الْعُمُرِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ الدُّنْيَا وَعَذَابِ الْقَبْرِ» .

**60-Аллоҳумма иннӣ аъӯзу бика миналбухли ва аъӯзу бика миналҷубни ва аъӯзу бика мин ан урадда ило арзалилумри ва аъӯзу бика мин фитнатид-дунё ва азобил қабри.**

*60-Худоё, ман бар Ту аз хасисӣ паноҳ мебарам ва аз тарс ба Ту паноҳ мебарам ва аз ин ки баргардам ба забунтарин марҳалаи умр паноҳ мебарам ва паноҳ мебарам ба Ту аз фитнаи дунё ва азоби қабр.*

٦١- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ الْجَنَّةَ وَأَعُوذُ بِكَ مِنَ النَّارِ» .

**61-Аллоҳумма иннӣ асъалукалҷанната ва аъӯзу бика минан-нори.**

*61-Худоё, ман аз Ту биҳиштро хоҳонам ва паноҳ мебарам ба Ту аз дӯзах.*

4) Аз паҳлӯе, ки бар он хобида буд, ба паҳлӯи дигар бигардад.

*115-5)* Агар бихоҳад бархезад ва намоз бихонад.

# 32 - ДУОИ ҚУНӮТ ДАР НАМОЗИ ВИТР

١١٦- «اللَّهُمَّ اهْدِنِي فِيمَنْ هَدَيْتَ، وَعَافِنِي فِيمَنْ عَافَيْتَ، وَتَوَلَّنِي فِيمَنْ تَوَلَّيْتَ، وَبَارِكْ لِي فِيمَا أَعْطَيْتَ، وَقِنِي شَرَّ مَا قَضَيْتَ، فَإِنَّكَ تَقْضِي وَلَا يُقْضَىٰ عَلَيْكَ، إِنَّهُ لَا يَذِلُّ مَنْ وَالَيْتَ، [وَلَا يَعِزُّ مَنْ عَادَيْتَ]، تَبَارَكْتَ رَبَّنَا وَتَعَالَيْتَ» .

**116-Аллоҳуммаҳдинӣ фӣман ҳадайта ва офинӣ фӣман офайта ва таваллланӣ фӣман таваллайта вабориклӣ фӣмо аътайта ва қинӣ шарра мо қазайта, фаиннака тақзӣ ва ло юқзо ъалайка иннаҳу ло яззиллу ман волайта ва ло яъиззу ман ъодайта, табоpакта раббано ва таъолайта.**[1]

*116-Худоё, ҳидоятам деҳ аз ҷумлаи касоне, ки ҳидояташон додӣ ва офиятам деҳ аз ҷум-*

[1] Ба хонандаи мӯҳтарам маълум бод, ки ин Дуои Қунути аҳли мазҳаби Ҳанбалия аст, на аҳли мазҳаби Ханафия.

*лаи касоне, ки ёвари онон будӣ ва дар он чи ба ман ато фармудӣ, бароям баракат деҳ ва аз шарри он чи ҳукм кардӣ, ҳифзам фармо. Ҳароина Ту ҳукм мекунӣ ва бар Ту ҳукм намешавад. Ба ростӣ, ки хор нахоҳад шуд касе, ки Ту ёвари он бошӣ ва иззат намегирад касе, ки Ту душмани он бошӣ, бисёр бобаракат ва баландмартабаӣ, эй Парвардигори мо.*

١١٧- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِرِضَاكَ مِنْ سَخَطِكَ، وَبِمُعَافَاتِكَ مِنْ عُقُوبَتِكَ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْكَ، لَا أُحْصِي ثَنَاءً عَلَيْكَ، أَنْتَ كَمَا أَثْنَيْتَ عَلَىٰ نَفْسِكَ» .

**117-Аллоҳумма иннӣ аъӯзу биризока мин сахатика ва бимуъофотика мин ъуқубатика ва аъӯзу бика минка ло уҳсӣ саноан ъалайка анта камо аснайта ъало нафсика.**

*117-Худоё, ман паноҳ мебарам ба ризои Ту аз ъазобат ва паноҳ мебарам ба Ту аз хашмат ва мадҳи Туро наметавонам шумор кунам, он чуноне ки худат хештанро мадҳ гуфтаӣ.*

١١٨- «اللَّهُمَّ إِيَّاكَ نَعْبُدُ، وَلَكَ نُصَلِّي وَنَسْجُدُ، وَإِلَيْكَ نَسْعَىٰ وَنَحْفِدُ، نَرْجُو رَحْمَتَكَ، وَنَخْشَىٰ عَذَابَكَ، إِنَّ عَذَابَكَ بِالْكَافِرِينَ مُلْحَقٌ. اللَّهُمَّ إِنَّا نَسْتَعِينُكَ، وَنَسْتَغْفِرُكَ، وَنُثْنِي عَلَيْكَ الْخَيْرَ، وَلَا نَكْفُرُكَ، وَنُؤْمِنُ بِكَ، وَنَخْضَعُ لَكَ، وَنَخْلَعُ مَنْ يَكْفُرُكَ»

**118-Аллоҳумма ийёка наъбуду ва лака нусаллӣ ва насчуду, ва илайка насъо ва наҳфиду, нарчӯ раҳматака ва нахшо ъазобака, инна ъазобака билкофирӣна мулҳиқ. Аллоҳумма инно настаъиннука ва настағфируқа ва нуснӣ ъалайкалхайра ва ло накфурука ва нӯъмину бика ва нахзаъу лака ва нахлаъу майякфурук.**

*118-Худоё, фақат Туро мепарастем ва барои Ту намоз мехонем ва сачда мекунем ва дар ъамал ба сӯи Ту мешитобем. Ба раҳматат умедворем ва аз ъазобат метарсем, ҳароина ъазобат ба кофирон хоҳад расид. Бор, Илоҳо, ба ростӣ, ки мо аз Ту мадад металабем ва аз Ту омурзиш мехоҳем ва Туро мадҳи некӯ меку-*

*нем ва ба Ту куфр намеварзем ва ба Ту фурӯтанӣ мекунем ва тарк мекунем касеро ки ба Ту куфр меварзад.*

## 33 - ЗИКРИ БАЪД АЗ САЛОМИ НАМОЗИ ВИТР

١١٩ - «سُبْحَانَ الْمَلِكِ الْقُدُّوسِ» ثَلاثَ مَرَّاتٍ وَالثَّالِثَةُ يَجْهَرُ بِهَا وَيَمُدُّ بِهَا صَوْتَهُ يَقُولُ [رَبِّ الْمَلَائِكَةِ وَالرُّوحِ]» .

**119-Субҳоналмаликилқуддуси.**

*Поку муназзаҳ аст Худованди дар ниҳояти покӣ.*

Се бор ва бори саввум баланд гуфта садояшро мекашад ва мегӯяд:

**Раббулмалоикати вар-рӯҳи.**

*Парвардигори малоика ва Ҷабраил.*

## 34 - ДУОИ ҒАМУ АНДӮҲ

١٢٠ - «اللَّهُمَّ إِنِّي عَبْدُكَ، ابْنُ عَبْدِكَ، ابْنُ أَمَتِكَ، نَاصِيَتِي بِيَدِكَ، مَاضٍ فِيَّ حُكْمُكَ، عَدْلٌ فِيَّ قَضَاؤُكَ، أَسْأَلُكَ بِكُلِّ اسْمٍ هُوَ لَكَ، سَمَّيْتَ بِهِ نَفْسَكَ، أَوْ أَنْزَلْتَهُ فِي كِتَابِكَ، أَوْ عَلَّمْتَهُ أَحَداً مِنْ خَلْقِكَ، أَوِ اسْتَأْثَرْتَ بِهِ فِي عِلْمِ الْغَيْبِ عِنْدَكَ، أَنْ تَجْعَلَ الْقُرْآنَ رَبِيعَ قَلْبِي، وَنُورَ صَدْرِي، وَجَلَاءَ حُزْنِي، وَذَهَابَ هَمِّي» .

120-Аллоҳумма иннӣ ъабдука ибну ъабдика ибну аматика, носияти биядика мозин фийя ҳукмука ъадлун фийя қазоука асъалука бикуллисмин ҳува лака, саммайта биҳи нафсака ав анзалтаҳу фӣ китобика авъаламтаҳу аҳадан мин халқика ав истаъсарта биҳи фӣ ъилмилғайби ъиндака ан таҷъалал Қурона рабӣъа қалбӣ ва нӯра садрӣ ва ҷалоа ҳузнӣ ва заҳоба ҳаммӣ.

*120-Худоё, ба ростӣ ки ман бандаи Туам, писари бандаи Ту, писари канизи Ту, пешониам (зимомам) ба дасти Туст. Ҷорист бар ман ҳукмат ва ҳукмат бар ман ъадолат аст. Аз Ту хоҳонам бо тавассул ба ҳар исме, ки аз они Ту аст ва Ту худро ба он номидаӣ ва ё нозил кардаӣ он исмро дар китобат ва ё омӯхтаӣ онро ба яке аз бандагонат ва ё баргузидаӣ онро дар ъилми ғайб назди Худат, ки бигардонӣ Қуръонро баҳори қалбам ва нури синаам ва сайқалдиҳандаи андӯҳам ва дуркунандаи ғамам.*

١٢١- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْهَمِّ وَالْحَزَنِ، وَالْعَجْزِ وَالْكَسَلِ، وَالْبُخْلِ وَالْجُبْنِ، وَضَلَعِ الدَّيْنِ وَغَلَبَةِ الرِّجَالِ» .

**121-Аллоҳумма иннӣ аъӯзу бика миналҳамми валҳазани валъаҷзи валкасали валбухли валҷубни ва залаъиддайни ва ғалабатир-риҷоли.**

*121-Худоё, ҳар оина ман паноҳ мебарам ба Ту аз ғаму андӯҳ ва аз нотавонӣ ва танбалӣ ва бахилӣ ва тарс ва аз гаронии бори қарз ва ғалабаи мардон.*

## 35 - ДУОИ ҲАНГОМИ МАШАҚҚАТ

١٢٢- «لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ الْعَظِيمُ الْحَلِيمُ، لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ رَبُّ الْعَرْشِ الْعَظِيمُ، لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ رَبُّ السَّمٰوَاتِ وَرَبُّ الْأَرْضِ وَرَبُّ الْعَرْشِ الْكَرِيمُ» .

**122-Ло илоҳа иллаллоҳул-ъазимул-ҳалим ло илоҳа иллаллоҳу раббулъаршил-ъазӣм, ло илоҳа иллаллоҳу раббус-самовоти ва раббу-ларзи ва раббул-ъаршилкарим.**

*122-Нест маъбуди барҳақ, магар Худои Бузург ва бурдбор, нест маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ, ки Парвардигори Арши бузург аст. Нест маъбуди бар ҳақ, магар Аллоҳ, ки Парвардигори осмонҳо ва Парвардигори замин ва Парвардигори Арши гиромист.*

١٢٣- «اللَّهُمَّ رَحْمَتَكَ أَرْجُو فَلَا تَكِلْنِي إِلَىٰ نَفْسِي طَرْفَةَ عَيْنٍ، وَأَصْلِحْ لِي شَأْنِي كُلَّهُ، لَا إِلَـٰهَ إِلَّا أَنْتَ» .

**123- Аллоҳумма раҳматака арҷӯ фало та - килнӣ ило нафсӣ тарфата ъайнин ва аслиҳ лӣ шаънӣ куллаҳу, ло илоҳа илло анта.**

*123-Худоё, танҳо ба раҳмати Ту умедворам, пас маро ба андозаи чашм ба ҳам задан ба ҳоли худам вогузор накун ва некӯ соз ҳамаи умурамро. Нест маъбуди барҳақ, магар Ту .*

١٢٤- «لَا إِلَٰهَ إِلَّا أَنْتَ سُبْحَانَكَ إِنِّي كُنْتُ مِنَ الظَّالِمِينَ»

**124-Ло илоҳа илло анта субҳонака иннӣ кунту миназзолимӣн.**

*124-Нест маъбуди барҳақ, магар Ту , Ту покӣ ба ростӣ, ки ман аз ситамкорон будам.*

١٢٥- «اللهُ اللهُ رَبِّي لَا أُشْرِكُ بِهِ شَيْئًا»

**125-Аллоҳу Аллоҳу раббӣ ло ушрику биҳи шайан.**

*125-Аллоҳ, Аллоҳ Парвардигори ман аст ва ҳеҷ чизро шарику анбози Ӯ қарор намедиҳам.*

## 36 - ДУЪОИ ҲАНГОМИ РӮ БА РӮ ШУДАН БО ДУШМАН ВА СОҲИБСУЛТА

١٢٦ - «اللَّهُمَّ إِنَّا نَجْعَلُكَ فِي نُحُورِهِمْ وَنَعُوذُ بِكَ مِنْ شُرُورِهِمْ» .

**126-Аллоҳумма инно начъалука фӣ нуҳӯриҳим ва наъӯзу бика мин шурӯриҳим.**

*126-Худоё, мо Туро дар баробарашон (душманон) қарор медиҳем, ки шаррашонро аз мо дур кунӣ ва паноҳ мебарем ба Ту аз шаррашон.*

١٢٧ - «اللَّهُمَّ أَنْتَ عَضُدِي، وَأَنْتَ نَصِيرِي، بِكَ أَجُولُ، وَبِكَ أَصُولُ، وَبِكَ أُقَاتِلُ» .

**127-Аллоҳумма анта ъазудӣ ва анта насирӣ, бика ачӯлу ва бика асӯлу ва бика уқотилу.**

*127-Худоё, Ту қуввату мададгори манӣ, бо кӯмаки Ту тохтутоз мекунам ва ба ёрии Ту ҳамла мекунам ва бо мадади Ту мечангам.*

١٢٨- «حَسْبُنَا اللهُ وَنِعْمَ الْوَكِيلُ»

**128-Ҳасбуналлоҳу ва ниъмал вакӣл.**

*128-Кофист барои мо Худо, ки беҳтарин коргузор аст.*

## 37-ДУОИ ОН КИ АЗ ЗУЛМИ ФАРМОНРАВО БИТАРСАД

١٢٩- «اللَّهُمَّ رَبَّ السَّمٰوَاتِ السَّبْعِ، وَرَبَّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ، كُنْ لِي جَاراً مِنْ فُلَانِ بْنِ فُلَانٍ، وَأَحْزَابِهِ مِنْ خَلَائِقِكَ؛ أَنْ يَفْرُطَ عَلَيَّ أَحَدٌ مِنْهُمْ أَوْ يَطْغَىٰ، عَزَّ جَارُكَ، وَجَلَّ ثَنَاؤُكَ، وَلَا إِلَٰهَ إِلَّا أَنْتَ»

**129-Аллоҳумма раббас-самовотис-сабъи ва раббулъаршил-ъазим, кун лӣ ҷоран мин фулон ибни фулон ва аҳзобиҳи мин халоиқика айяфрута ъалайя аҳадун минҳум ав ятғо ъазза ҷбрука ва ҷалла саноука ва ло илоҳа илло анта.**

*129-Худоё, эй Парвардигори ҳафт осмон ва Парвардигори Арши бузург дар баробари фу-*

*лонӣ ва тарафдоронаш аз махлуқоти ёри ман бош, аз ин ки яке аз онҳо ба ман ситам, ё гарданкашӣ кунад. Нерӯманд аст ёрии Ту ва бузург аст мадҳи Ту ва нест маъбуди барҳақ, ба ҷуз Ту.*

١٣٠- «اللهُ أَكْبَرُ، اللهُ أَعَزُّ مِنْ خَلْقِهِ جَمِيعاً، اللهُ أَعَزُّ مِمَّا أَخَافُ وَأَحْذَرُ، أَعُوذُ بِاللهِ الَّذِي لَا إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ، الْمُمْسِكِ السَّمٰوَاتِ السَّبْعِ أَنْ يَقَعْنَ عَلَى الأَرْضِ إِلَّا بِإِذْنِهِ، مِنْ شَرِّ عَبْدِكَ فُلَانٍ، وَجُنُودِهِ وَأَتْبَاعِهِ وَأَشْيَاعِهِ، مِنَ الْجِنِّ وَالإِنْسِ، اللَّهُمَّ كُنْ لِي جَاراً مِنْ شَرِّهِمْ، جَلَّ ثَنَاؤُكَ وَعَزَّ جَارُكَ، وَتَبَارَكَ اسْمُكَ، وَلَا إِلَٰهَ غَيْرُكَ» ثَلَاثَ مَرَّاتٍ

**130-Аллоҳу акбар, Аллоҳу аъаззу мин халқиҳи ҷамиъан, Аллоҳу аъаззу миммо ахофу ва аҳзару, аъӯзу биллоҳил-лази ло илоҳа илло Ҳува, алмумсикис-самовотис-сабъи ан яқаъна ъалал арзи илло биизниҳӣ, мин шарри ъабдика фулонин, ва ҷунудиҳи ва атбоъиҳи ва**

**ашёъиҳи, минал ҷинни вал инси. Аллоҳумма кун лӣ ҷоран мин шарриҳим, ҷалла саноука ва ъазза ҷорука ва табоॅракасмука ва ло илоҳа ғайрука.** (Се бор).

*130-Худо бузургтар ва қавитар аз ҳама махлуқоташ аст, Худо нерӯмандтар аз он чизест, ки аз он метарсам ва парҳез мекунам. Паноҳ мебарам ба Худое, ки нест маъбуди барҳақ, магар Ӯ, нигаҳдорандаи ҳафт осмон аз афтодани он бар замин аст, магар ба дастури Ӯ, аз шарри бандаат фулон ва сарбазону пайравон ва ёрони инс ва ҷинниш вай.*

*Худоё, мададгорам бош, аз шарри онҳо; бузург аст мадҳи Ту ва нерӯманд аст мадади Ту ва бобаракат аст номи Ту ва нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Ту .*

## 38 - ДУО БАР ДУШМАН

١٣١ - «اللَّهُمَّ مُنْزِلَ الْكِتَابِ، سَرِيعَ الْحِسَابِ، اهْزِمِ الأَحْزَابَ، اللَّهُمَّ اهْزِمْهُمْ وَزَلْزِلْهُمْ»

**131-Аллоҳумма мунзилалкитоби, сариъалҳисоби иҳзимил аҳзоба, Аллоҳуммаҳзимҳум**

**ва залзилҳум.**

*131-Худоё, эй фурӯдоварандаи китобҳои осмонӣ ва сареъҳисобкунанда, шикаст деҳ лашкарҳоро, Худоё, шикасташон деҳ ва биларзон онҳоро.*

## 39 - ОН ЧИ ҲАНГОМИ ТАРС АЗ ГУРӮҲЕ ШОИСТА АСТ БИХОНАД

١٣٢ - «اللَّهُمَّ اكْفِنِيهِمْ بِمَا شِئْتَ»

**132-Аллоҳуммакфинӣҳим бимо шиъта.**

*132-Худоё, дар баробари эшон маро кифоят кун бо он чи мехоҳӣ.*

## 40 - ДУОИ ОН КАСЕ, КИ ДАР ИМОН ДУЧОРИ ШАККУ ТАРДИД ШУДА БОШАД.

أَعُوذُ بِاللهِ مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ

**Аъузу биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим**

**133-Ба Худо паноҳ бибарад.**

**Он чиро дар он шак кардааст, пайгирӣ накунад**

١٣٤ - «آمَنْتُ بِاللهِ وَرُسُلِهِ»

134-Бигӯяд: **Оманту биллоҳи ва русулиҳи.**
*"Имон овардам ба Худо ва паёмбаронаш".*

١٣٥ - يَقْرَأُ قَوْلَهُ تَعَالَى: «﴿هُوَ ٱلْأَوَّلُ وَٱلْآخِرُ وَٱلظَّٰهِرُ وَٱلْبَاطِنُ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ﴾»(١).

135-Ин оятро бихонад: **Ҳувал аввалу валохиру ваззоҳиру валботину ва ҳува бикулли шаййин ъалим.**

*Ӯст нахустини ҳама ва охирини ҳама ва Ӯст ошкор ва Ӯст пинҳон ва Ӯ ба ҳар чиз доност.*

## 41 - ДУОИ ҲАНГОМИ НОТАВОН МОНДАН АЗ ПАРДОХТАНИ ҚАРЗ

١٣٦ - «اللَّهُمَّ اكْفِنِي بِحَلَالِكَ عَنْ حَرَامِكَ وَأَغْنِنِي بِفَضْلِكَ عَمَّنْ سِوَاكَ»

**136-Аллоҳуммакфинӣ биҳалолика ъан ҳаромика ва ағнинӣ бифазлика ъамман сивока.**

*136-Худоё, бениёзам кун бо ҳалолат аз*

*ҳаромат ва бениёз фармо маро ба эҳсонат аз ғайри Худат.*

۱۳۷- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْهَمِّ وَالْحَزَنِ، وَالْعَجْزِ وَالْكَسَلِ، وَالْبُخْلِ وَالْجُبْنِ، وَضَلَعِ الدَّيْنِ وَغَلَبَةِ الرِّجَالِ»

**137-Аллоҳумма иннӣ аъўзу бика миналҳамми валҳазани валъаҷзи валкасали валбухли валҷубни ва залаъид-дайни ва ғалабатир-риҷоли.**

*137-Худоё, ҳар оина ман паноҳ мебарам ба Ту аз ғаму андўҳ ва аз нотавонӣ ва танбалӣ ва бахилӣ ва тарс ва аз гаронии бори қарз ва ғалабаи мардон.*

## 42-ДУОИ ВАҚТИ ДУЧОР ШУДАНИ БА ВАСВАСА ДАР НАМОЗ ВА ҚИРОАТ

۱۳۸- «أَعُوذُ بِاللهِ مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ وَاتْفُلْ عَلَى يَسَارِكَ (ثَلَاثاً)»

**138-Аъўзу биллоҳи минашайтони-р-раҷӣм.**
*Паноҳ мебарам ба Худо аз шайтони рондашуда.*

Ва се бор ба самти чапи худ туф кун.

## 43 - ДУОИ КАСЕ, КИ КОРЕРО МУШКИЛ ШУМОРАД

١٣٩ – «اللَّهُمَّ لَا سَهْلَ إِلَّا مَا جَعَلْتَهُ سَهْلًا وَأَنْتَ تَجْعَلُ الْحَزْنَ إِذَا شِئْتَ سَهْلًا»

**139-Аллоҳумма ло саҳла илло мо чаъалтаҳу саҳло ва анта тачъалулҳазана изо шиъта саҳло.**

*139-Худоё, осонӣ нест, магар он чи Ту онро осон гардонӣ ва агар Ту бихоҳӣ мушкилиро осон мегардонӣ.*

## 44 - ОН ЧИ КИ ШАХСИ ГУНАҲКОР ШОИСТААСТ БИГӮЯД ВА АНҶОМ ДИҲАД

*140-Ҳар бандае, ки муртакиби гуноҳ шавад ва баъд аз он ки ба хубӣ вузӯ кунад, ду ракаъат намоз бихонад, сипас аз Худо омурзиш бихоҳад, Худованд ӯро меомурзад.*

## 45 - ДУОЕ, КИ ШАЙТОН ВА ВАСВАСАҲОЯШРО ДУР МЕКУНАД

أَعُوذُ بِاللهِ مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ

*141-Паноҳ бурдан ба Худо аз шайтон.*

*142-Аз он.* «الأَذَانُ» ١٤٢-

*143-Авродва қироати Қуръон.*[1]

## 46 - ДУОИ ҲАНГОМИ РУХ ДОДАНИ ҲОДИСАИ НОХУШОЯНД ВА Ё ШИКАСТЕ ДАР КОР

١٤٤- «قَدَرُ اللهِ وَمَا شَاءَ فَعَلَ»

**144-Қадаруллоҳи ва мо шоа фаъал.**

*144-Тақдири Худованд аст ва он чи ки Худованд бихоҳад, анҷом медиҳад.*[2]

---

[1] Паёмбар (с) мефармояд: Хонаҳоятонро қабристон накунед, ба ростӣ, ки шайтон аз хонае, ки дар он сураи Бақара хонда мешавад, гурезон аст.

[2] Паёмбар (с) мефармуданд: Мӯъмини нерӯманд дар назди Худо аз мӯъмини заъиф беҳтару маҳбубтар аст ва дар ҳар қадоми онҳо хайру некӣ вуҷуд дорад. Барои он чи ки ба нафъи туст, талош кун ва аз Худо кӯмак бихоҳ ва ҳар гоҳ чизи нохушоянд ба ту расад, нагӯ, агар чунину чунон мекардам? Аммо бигӯ: Тақдири Худованд будааст ва он чи Худованд бихоҳад, анҷом медиҳад, зеро калимаи "агар" дарвозаи кори шайтонро боз мекунад.

## 47 - ЧИ ГУНА ТАБРИК ГУФТАН БА КАСЕ, КИ ФАРЗАНДЕ БАРОЯШ РӮЗӢ ШУДА БОШАД ВА ҶАВОБИ ОН

١٤٥- «بَارَكَ اللهُ لَكَ فِي الْمَوْهُوبِ لَكَ، وَشَكَرْتَ الْوَاهِبَ، وَبَلَغَ أَشُدَّهُ، وَرُزِقْتَ بِرَّهُ».

«بَارَكَ اللهُ لَكَ وَبَارَكَ عَلَيْكَ، وَجَزَاكَ اللهُ خَيْراً، وَرَزَقَكَ اللهُ مِثْلَهُ، وَأَجْزَلَ ثَوَابَكَ»

**145-Боракаллоҳу лака фӣлмавҳӯби лака ва шакарталвоҳиба ва балаға ашуддаҳу ва рузиқта бирраҳу.**

**Боракаллоҳу лака ва борака ъалайка ва ҷазокаллоҳу хайран ва разақакаллоҳу мисламу ва аҷзала савобака.**

*145-Худованд бароят дар он чи ба Ту додашӯда баракат диҳад ва бахшандаро шукргузор ва навзод ба камоли қудрат расад ва рӯзият шавад накӯии Ӯ.*

Ва шахси табрикшуда дар ҷавоб мегӯяд: *Худо бароят баракат диҳад ва бар Ту бара-*

*кат ниҳад ва Худованд ба Ту подоши нек диҳад ва Худо монанди онро рӯзият кунад ва савобатро зиёд кунад.*

## 48 - ОН ЧИ БО ОН ФАРЗАНДОНРО ҲИФЗ КАРДА МЕШАВАНД

«أُعِيذُكُمَا بِكَلِمَاتِ اللهِ التَّامَّةِ مِنْ كُلِّ شَيْطَانٍ وَهَامَّةٍ، وَمِنْ كُلِّ عَيْنٍ لَامَّةٍ» .

146-Расули Худо (с) Ҳасан ва Ҳусайнро ҳифз мекард: **Уъизукумо бикалимотиллоҳит-томмати мин кулли шайтонин ва ҳомматин ва мин кулли айнин ломматин.**

*"Паноҳ медиҳам шумо ду нафарро (Ҳасан ва Ҳусайн) ба калимоти комили Худо аз ҳар шайтоне ва ҷонвари заҳрдоре ва аз ҳар чашми захмкунанда.*

## 49 - ДУО БАРОИ МАРИЗ ҲАНГОМИ ХАБАР ГИРИФТАНАШ

١٤٧- «لَا بَأْسَ طَهُورٌ إِنْ شَاءَ اللهُ»

**147-Ло баъса таҳурун, иншоаллоҳу.**

*147-Боке надорад, поккунандаи гуноҳон аст, иншоаллоҳ.*

١٤٨- «أَسْأَلُ اللهَ الْعَظِيمَ رَبَّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ أَنْ يَشْفِيَكَ» (سبع مرات)

**148-Асъалуллоҳал ъазӣма раббал ъаршил ъазӣми айяшфика.** (Ҳафт бор).

*148-Аз Худои бузургвор, Парвардигори Арши бузург мехоҳам, ки шифоят диҳад.*

## 50 - ФАЗИЛАТУ САВОБИ ХАБАР ГИРИФТАНИ ШАХСИ БЕМОР

149-Расули Худо (с) мефармоянд: *Ҳар гоҳ мусалмоне барои хабар гирифтани бародари мусалмони худ равона шавад, ҳамчунон дар миёни меваҳои чидашудаи биҳишт ба сар мебарад, то ин ки биншинад ва чун биншинад, раҳмати Илоҳӣ ӯро дарбар гирад, ки агар дар вақти бомдод бошад, ҳафтод ҳазор малоика то шабонгоҳ барои ӯ талаби мағфират мекунанд ва агар шабонгоҳ бошад, низ ҳафтод ҳазор малоика то субҳ барои ӯ омурзиш мехоҳанд.*

## 51 - ДУОИ БЕМОРЕ, КИ АЗ ЗИНДАГИИ ХУД МАЪЮС ШУДА БОШАД

١٥٠- «اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي وَارْحَمْنِي وَأَلْحِقْنِي بِالرَّفِيقِ الأَعْلَى» .

**150-Аллоҳуммағфирлӣ вархамнӣ ва алҳикнӣ бир-рафӣқил-аъло.**

*150-Худоё, маро биёмурз ва ба ман раҳмат фармо ва маро ба рафиқи аъло (фариштагон ва бандагони солеҳ) пайваст намо.*

لَا إِلَـهَ إِلَّا اللهُ إِنَّ لِلْمَوْتِ لَسَكَرَاتٍ

151-Паёмбар (с) ҳангоми вафот карданаш ду дасти худро дар об андохта, сипас онро ба рухсораҳояшон мекашид ва мегуфт: **Ло илоҳа иллаллоҳу инна лилмавти ласакаротин.**

*Нест маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ, ба ростӣ ки марг душворӣ дорад.*

١٥٢- لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ وَاللهُ أَكْبَرُ، لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ، لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ، لَا إِلَـٰهَ إِلَّا اللهُ وَلَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللهِ» .

**152-Ло илоҳа иллаллоҳу валлоҳу акбару, ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, ло илоҳа иллалоҳу лаҳулмулку ва лаҳулҳамду ло илоҳа иллаллоҳу ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ.**

*152-Нест маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ ва Худо бузургтар аст. Нест маъбуди ҳақиқӣ, ба ҷуз Аллоҳи ягона. Нест маъбуди ҳақиқӣ, ба ҷуз Аллоҳи ягона , нест шарику анбозе барои Ӯ. Нест маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ, барои Ӯст ҳастӣ ва барои Ӯст ситоиш. Нест маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ ва нест тавоноӣ (барои дӯрӣ аз гуноҳ) ва нест қудрате (барои пойдорӣ бар тоати Худо), магар бо кӯмаки Худо.*

## 52 - ТАЛҚИНИ ШАХСЕ, КИ ДАР ДАМИ МАРГ АСТ

153-Паёмбар мефармояд: Ҳар касе, ки сухани охираш **ло илоҳа илаллоҳу** бошад, дохили биҳишт мешавад.

## 53 - ДУОИ ШАХСЕ, КИ БАР Ӯ МУСИБАТЕ РАСИДА БОШАД

١٥٤ - «إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّا إِلَيْهِ رَاجِعُونَ اللَّهُمَّ أْجُرْنِي فِي مُصِيبَتِي وَأَخْلِفْ لِي خَيْراً مِنْهَا» .

**154-Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъӯн Аллоҳуммаъҷурнӣ фӣ мусибатӣ ва ахлиф лӣ хайран минҳо.**

*154-Ҳар оина мо аз они Худоем ва ба ростӣ, ки мо ба сӯи Ӯ бозмегардем. Худоё, маро дар мусибатам савобу подош деҳ ва барои ман беҳтар аз онро иваз деҳ.*

## 54 - ДУОИ ҲАНГОМИ БАСТАНИ ЧАШМИ МАЙЙИТ (ФАВТШУДА)

١٥٥ – «اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِفُلاَنٍ (بِاسْمِهِ) وَارْفَعْ دَرَجَتَهُ فِي الْمَهْدِيِّينَ، وَاخْلُفْهُ فِي عَقِبِهِ فِي الْغَابِرِينَ، وَاغْفِرْ لَنَا وَلَهُ يَا رَبَّ الْعَالَمِينَ، وَافْسَحْ لَهُ فِي قَبْرِهِ وَنَوِّرْ لَهُ فِيهِ»

**155-Аллоҳуммағфир лифулонин (биисмиҳи) варфаъ дарачатаҳу фӣлмаҳдийина вахлуфҳу фӣ ақибиҳи фӣлғобирина вағфир лано ва лаҳу ё раббалъоламина вафсаҳ лаҳу фӣ қабриҳи ва наввир лаҳу фӣҳи.**

*155-Худоё, биёмурз фулониро* (номашро ба забон биёрад) *ва баланд фармо дарачаашро аз чумлаи роҳёфтагон ва сарпарастӣ кун фарзандонашро дар миёни бозмондагон ва биёмурз моро ва ӯро, эй Парвардигори ъоламиён ва васеъ гардон барояш қабрашро ва рӯшан фармо қабрро барои вай.*

# 55 - ДУО БАРОИ МАЙЙИТ, ҲАНГОМЕ КИ БАР Ӯ НАМОЗ ХОНДА МЕШАВАД

١٥٦- «اللَّهُمَّ اغْفِرْ لَهُ وَارْحَمْهُ، وَعَافِهِ، وَاعْفُ عَنْهُ، وَأَكْرِمْ نُزُلَهُ، وَوَسِّعْ مُدْخَلَهُ، وَاغْسِلْهُ بِالْمَاءِ وَالثَّلْجِ وَالْبَرَدِ، وَنَقِّهِ مِنَ الْخَطَايَا كَمَا نَقَّيْتَ الثَّوْبَ الأَبْيَضَ مِنَ الدَّنَسِ، وَأَبْدِلْهُ دَاراً خَيْراً مِنْ دَارِهِ، وَأَهْلاً خَيْراً مِنْ أَهْلِهِ، وَزَوْجاً خَيْراً مِنْ زَوْجِهِ، وَأَدْخِلْهُ الْجَنَّةَ، وَأَعِذْهُ مِنْ عَذَابِ الْقَبْرِ [وَعَذَابِ النَّارِ]».

156-Аллоҳуммағфир лаҳу варҳамҳу ва ъофиҳи ваъфу ъанҳу ва акрим нузулаҳу ва вассиъ мудхалаҳу вағсилҳу билмои вассалҷи валбаради ва наққиҳи миналхатоё камо наққайтас-савбал абяза минад-данаси ва абдилҳу доран хайран мин дориҳи ва аҳлан хайран мин аҳлиҳи ва завҷан хайран мин завҷиҳи ва ад-

**хилҳулҷанната ва аъизҳу мин ъазобил қабри ва ъазобин нори.**

*156-Худоё, ӯро биёмурз ва дараҷаи ӯро баланд фармо ва аз ъазоб дураш дор ва аз ӯ даргузар ва ҷойгоҳашро некӯ соз ва қабрашро васеъ фармо Ӯро бо об ва ях ва жола бишӯй ва пок кун ӯро аз гуноҳҳо. Ҳамчуноне, ки пок кардӣ либоси сафедро аз чирк ва ъато фармо хонае беҳтар аз хонааш ва хонаводае беҳтар аз хонаводааш ва ҳамсаре беҳтар аз ҳамсараш ва ӯро ба биҳишт дохил кун аз ъазоби қабр ва дӯзах паноҳаш деҳ.*

١٥٧- «اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِحَيِّنَا، وَمَيِّتِنَا، وَشَاهِدِنَا، وَغَائِبِنَا، وَصَغِيرِنَا وَكَبِيرِنَا، وَذَكَرِنَا وَأُنْثَانَا. اللَّهُمَّ مَنْ أَحْيَيْتَهُ مِنَّا فَأَحْيِهِ عَلَى الإِسْلَامِ، وَمَنْ تَوَفَّيْتَهُ مِنَّا فَتَوَفَّهُ عَلَى الإِيمَانِ، اللَّهُمَّ لَا تَحْرِمْنَا أَجْرَهُ وَلَا تُضِلَّنَا بَعْدَهُ» .

**157-Аллоҳуммағфир лиҳайиино ва майии-**

**тино ва шоҳидино ва ғоибино ва сағирино ва кабирино ва закарино ва унсоно. Аллоҳумма ман аҳяйтаҳу минно фааҳйиҳи ъалалислом ва ман таваффайтаҳу минно фатаваффаҳу ъалалимон. Аллоҳумма ло таҳримно аҷраҳӯ ва ло тузиллано баъдаҳу.**

*157-Худоё, биёмурз зинда, мурда, ҳозир, ғоиб, хурд, бузург, мард ва зани моро. Худоё, ҳар яке аз моро зинда нигоҳ доштӣ, пас ӯро бар Ислом зинда нигаҳ дор ва ҳар касе аз моро мирондӣ, пас ӯро бар имон бимирон. Худоё, моро аз савобаш маҳрум магардон ва моро баъд аз ӯ гумроҳ макун.*

١٥٨- «اللَّهُمَّ إِنَّ فُلَانَ بْنَ فُلَانٍ فِي ذِمَّتِكَ، وَحَبْلِ جِوَارِكَ، فَقِهِ مِنْ فِتْنَةِ الْقَبْرِ وَعَذَابِ النَّارِ، وَأَنْتَ أَهْلُ الْوَفَاءِ وَالْحَقِّ. فَاغْفِرْ لَهُ وَارْحَمْهُ إِنَّكَ أَنْتَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ».

**158-Аллоҳумма инна фулонабна фулонин фӣ зимматика ва ҳабли ҷиворика фақиҳи мин**

**фитнатилқабри ва ъазобиннори ва анта аҳлулвафои валҳаққи фағфир лаҳу варҳамҳу иннака анталғафӯру-р-раҳӣм.**

*158-Худоё, ҳар оина фулонӣ дар аҳду амони Ту аст, пас ӯро аз фитнаи қабр ва ъазоби дӯзах ҳифз фармо ва Ту аҳли вафо ва ростӣ ҳастӣ, пас биёмурз ӯро ва ба ӯ раҳм фармо ҳар оина Ту омурзандаи меҳрабонӣ.*

١٥٩- «اللَّهُمَّ عَبْدُكَ وَابْنُ أَمَتِكَ احْتَاجَ إِلَىٰ رَحْمَتِكَ، وَأَنْتَ غَنِيٌّ عَنْ عَذَابِهِ، إِنْ كَانَ مُحْسِناً فَزِدْ فِي حَسَنَاتِهِ، وَإِنْ كَانَ مُسِيئاً فَتَجَاوَزْ عَنْهُ»

**159-Аллоҳумма ъабдука вабну аматика иҳточа ило раҳматика ва анта ғанийюн ъан ъазобиҳи ин кона муҳсинан фазид фӣ ҳасанотиҳи ва ин кона мусийан фатачоваз ъанҳу.**

*159-Худоё, ин бандаи Ту ва фарзанди канизи Ту, ниёзманди бахшиши Ту аст ва Ту бениёзӣ аз азоби ӯ, агар аз некӯкорон буд, пас бияфзой ба некиҳои вай ва агар аз гунаҳгорон буд, аз ӯ даргузар.*

## 56 - ДУОИ ҲАНГОМИ НАМОЗ ХОНДАН БАР КӮДАК

١٦٠ - «اللَّهُمَّ أَعِذْهُ مِنْ عَذَابِ الْقَبْرِ»

**160-Аллоҳумма аиъзҳу мин азобилқабри.**

*160-Худоё, ӯро аз азоби қабр паноҳ деҳ.*

۞ «اللَّهُمَّ اجْعَلْهُ فَرَطاً وَذُخْراً لِوَالِدَيْهِ، وَشَفِيعاً مُجَاباً. اللَّهُمَّ ثَقِّلْ بِهِ مَوَازِينَهُمَا وَأَعْظِمْ بِهِ أُجُورَهُمَا، وَأَلْحِقْهُ بِصَالِحِ الْمُؤْمِنِينَ، وَاجْعَلْهُ فِي كَفَالَةِ إِبْرَاهِيمَ، وَقِهِ بِرَحْمَتِكَ عَذَابَ الْجَحِيمِ، وَأَبْدِلْهُ دَاراً خَيْراً مِنْ دَارِهِ، وَأَهْلاً خَيْراً مِنْ أَهْلِهِ، اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِأَسْلَافِنَا، وَأَفْرَاطِنَا، وَمَنْ سَبَقَنَا بِالإِيمَانِ»

**Ва хуб аст, агар бигӯяд: Аллоҳуммаҷъалҳу фаратан ва зухран ливолидайҳи ва шафиъан муҷобан. Аллоҳумма саққил биҳи мавозина-**

**ҳумо ва аъзим биҳи аҷраҳумо ва алҳиқҳу би-солиҳилмуъминӣн ваҷъалҳу фӣ кафолати Иброҳӣма ва қӣҳи бираҳматика ъазобалҷаҳими ва абдилҳу доран хайран мин дориҳи ва аҳлан хайран мин аҳлиҳи. Аллоҳуммағфир лиаслофино ва афротино ва ман сабақано билимони.**

*Худоё, ӯро пасандозу захира ва шафоъаткунандае, ки шафоъаташ қабул шавад барои падару модараш гардон. Худоё, сангин фармо бо ӯ миқдори ҳасаноти падару модарашро ва зиёд гардон бо ӯ савобашонро ва ӯро ба мӯъминони некӯ пайваст намо ва ӯро дар кафолати Иброҳим қарор деҳ ва ба раҳмати хеш ӯро аз азоби дӯзах ҳифз фармо ва ато фармо ӯро хонае беҳтар аз хонааш ва хонаводае беҳтар аз хонаводааш. Худоё, гузаштагон ва аз пеш рафтагони моро ва касонеро, ки дар имон бар мо сабқат кардаанд, биёмурз.*

١٦١- «اللَّهُمَّ اجْعَلْهُ لَنَا فَرَطاً، وَسَلَفاً، وأَجْراً»

**161-Аллоҳуммаҷъалҳу лано фаратан ва салафан ва аҷран.**

*161-Худоё, ӯро барои мо пасандоза ва захираву савобе бигардон.*

## 57-ДУОИ ТАСАЛЛИЯТ ГУФТАН

١٦٢ - «إِنَّ لِلَّـهِ مَا أَخَذَ، وَلَهُ مَا أَعْطَىٰ
وَكُلُّ شَيْءٍ عِنْدَهُ بِأَجَلٍ مُسَمًّى . . .
فَلْتَصْبِرْ وَلْتَحْتَسِبْ»

**162-Инна лиллоҳи мо аҳаза ва лаҳу мо аъто ва куллу шаййин ъиндаҳу биачалин мусаммо-....фалтасбир валтаҳтасиб.**

*162-Аз они Худост он чи гирифт ва барои Ӯст он чи дод ва ҳар чиз назди Худо дорои вақти муъайян аст....Пас шикебо бош ва ачрашро дар назди Худо ҳисоб намо.*

«أَعْظَمَ اللهُ أَجْرَكَ، وَأَحْسَنَ عَزَاءَكَ وَغَفَرَ
لِمَيِّتِكَ»

Ва хуб аст, агар бигӯяд: **Аъзамаллоҳу ачрака ва аҳсана ъазоака ва ғафара лимаййитика.**

*Худо савобатро зиёд кунад ва бурдбориятро некӯ созад ва фавтшудаатро биёмурзад.*

## 58 - ДУОИ ҲАНГОМИ НИҲОДАНИ МАЙЙИТ БАР ҚАБР

١٦٣ - «بِسْمِ اللهِ وَعَلَىٰ سُنَّةِ رَسُولِ اللهِ»

**163-Бисмиллоҳ ва ъало суннати Расулиллоҳ.**

*163-Ба номи Худо ва бо суннати Расули Аллоҳ (ӯро дар қабр мениҳам).*

## 59 - ДУОИ БАЪД АЗ ХОКСУПОРИИ МАЙЙИТ

١٦٤ - «اللَّهُمَّ اغْفِرْ لَهُ اللَّهُمَّ ثَبِّتْهُ»

**164-Аллоҳуммағфир лаҳу Аллоҳумма саббитҳу.**

*164-Худоё, ӯро биёмурзу устувор гардон.*

## 60 - ДУЪОИ ЗИЁРАТИ ҚАБРИСТОН

١٦٥ - «السَّلَامُ عَلَيْكُمْ أَهْلَ الدِّيَارِ، مِنَ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُسْلِمِينَ، وَإِنَّا إِنْ شَاءَ اللهُ بِكُمْ لَاحِقُونَ [وَيَرْحَمُ اللهُ الْمُسْتَقْدِمِينَ مِنَّا وَالْمُسْتَأْخِرِينَ] أَسْأَلُ اللهَ لَنَا وَلَكُمُ الْعَافِيَةَ»

**165-Ассалому ъалайкум аҳлад-диёри минал-мӯъминӣна вал муслимин ва инно иншоаллоҳу бикум лоҳиқӯна ва ярҳамуллоҳул мустакдимӣна валмустаъхирина, асъалуллоҳ, лано ва лакумул ъофията.**

*165-Салом бар шумо бод, эй мӯъминону мусалмонони аҳли ин диёр ва Худо хоҳад мо ҳам ба шумо мепайвандем ва Худо гузаштагонуояндагони моро биёмурзад, аз Худованд барои мо ва шумо ъофият металабам.*

## 61 - ДУОИ ҲАНГОМИ ВАЗИДАНИ БОД

١٦٦- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَيْرَهَا، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّهَا»

**166-Аллоҳумма иннӣ асъалука хайраҳо ва аъӯзу бика мин шарриҳо.**

*166-Бор, Илоҳо, ман аз Ту хайри онро (бодро) мехоҳам ва паноҳ мебарам ба Ту аз шарри он.*

١٦٧- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَيْرَهَا، وَخَيْرَ مَا فِيهَا، وَخَيْرَ مَا أُرْسِلَتْ بِهِ وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّهَا، وَشَرِّ مَا فِيهَا، وَشَرِّ مَا أُرْسِلَتْ بِهِ»

**167-Аллоҳумма иннӣ асъалука хайраҳо ва хайра мо фиҳо ва хайра мо урсилат биҳи ва аъӯзу бика мин шарриҳо ва шарри мо фҳо ва шарри мо урсилат биҳи.**

*167-Бор, Илоҳо, ман аз Ту хайри онро мехоҳам ва хайри он чи дар он аст ва хайри он чизе, ки барои он фиристода шудааст. Ва паноҳ мебарам ба Ту аз шарри он чи дар он аст ва шарри он чи ки барои он фиристода шудааст.*

## 62 - ДУОИ ҲАНГОМИ ШУНИДАНИ РАЪДУ БАРҚ

١٦٨- «سُبْحَانَ الَّذِي يُسَبِّحُ الرَّعْدُ بِحَمْدِهِ وَالْمَلَائِكَةُ مِنْ خِيفَتِهِ»

**168-Субҳоналлазӣ юсаббиҳур-раъду биҳамдиҳи валмалоикату мин хифатиҳи.**

*168-Пок аст касе, ки ба покӣ ёд мекунад раъд Ӯро бо ҳамду ситоиши Ӯ ва фариштагон низ аз тарси Ӯ (Ӯро ба покӣ ёд мекунанд).*

## 63 - АЗ ҶУМЛАИ ДУОҲОИ ТАЛАБИ БОРОН

١٦٩ - «اللَّهُمَّ أَسْقِنَا غَيْثاً مُغِيثاً مَرِيئاً مَرِيعاً، نَافِعاً غَيْرَ ضَارٍّ، عَاجِلاً غَيْرَ آجِلٍ» .

**169-Аллоҳуммасқино ғайсан муғисан, мариан, мариъан, нофиъан, ғайразоррин ъоҷилан ғайра оҷилин.**

*169-Худоё, фурӯ фирист барои мо борони наҷотдиҳанда (аз хушксолӣ), гуворо, пурбаракату муфид ва бидуни зарар, зуд ва на дер.*

١٧٠ - «اللَّهُمَّ أَغِثْنَا، اللَّهُمَّ أَغِثْنَا اللَّهُمَّ أَغِثْنَا» .

**170-Аллоҳумма ағисно, Аллоҳумма ағисно, Аллоҳумма ағисно.**

*170-Худоё, ба мо борон бидеҳ, Худоё, ба мо борон бидеҳ, Худоё, ба мо борон бидеҳ.*

١٧١ - «اللَّهُمَّ اسْقِ عِبَادَكَ، وَبَهَائِمَكَ، وَانْشُرْ رَحْمَتَكَ، وَأَحْيِي بَلَدَكَ الْمَيِّتَ» .

**171-Аллоҳуммасқи ъибодака ва баҳоимака ваншур раҳматака ва аҳйи баладакалмайита.**

*171-Худоё, боронро ба бандагонат ва чаҳорпоёнат бирасон ва хони раҳмататро бигустар ва зинда гардон сарзамини муроаро.*

## 64 - ДУОИ ҲАНГОМИ БОРИДАНИ БОРОН

١٧٢ - «اللَّهُمَّ صَيِّباً نَافِعاً»

**172-Аллоҳумма саййибан нофиъан.**

*172-Худоё, борони муфид. (ба мо ъато фармо).*

## 65 - ЗИКРИ БАЪД АЗ ПОЁНИ БОРОН

١٧٣ - «مُطِرْنَا بِفَضْلِ اللهِ وَرَحْمَتِهِ»

**173-Мутирно бифазлиллоҳи ва раҳматиҳи.**

*173-Ба эҳсону бахшиши Худо бар мо борон борид.*

## 66-АЗ ҶУМЛАИ ДУОҲОИ СОФ ШУДАНИ ҲАВО

١٧٤ - «اللَّهُمَّ حَوَالَيْنَا وَلَا عَلَيْنَا. اللَّهُمَّ عَلَى الْآكَامِ وَالظِّرَابِ، وَبُطُونِ الْأَوْدِيَةِ، وَمَنَابِتِ الشَّجَرِ» .

**174-Аллоҳумма ҳаволайно ва ло ъалайно Аллоҳумма ъалалокоми ваззироби вабутӯнил авдияти ва манобити-ш-шаҷари.**

*174-Илоҳо, (боронро) ба ҷойҳои дур ва бар мо бибор ва на бар мо. Худоё, бар теппаҳо, баландиҳо даруни дарраҳо ва ҷангалҳо (ҷоҳҳои рӯидани дарахт) бибор.*

## 67-ДУОИ ҲАНГОМИ ДИДАНИ МОҲИ НАВ

١٧٥ - «اللهُ أَكْبَرُ، اللَّهُمَّ أَهِلَّهُ عَلَيْنَا بِالْأَمْنِ وَالْإِيمَانِ، وَالسَّلَامَةِ وَالْإِسْلَامِ، وَالتَّوْفِيقِ لِمَا تُحِبُّ رَبَّنَا وَتَرْضَى، رَبُّنَا وَرَبُّكَ اللهُ»

**175-Аллоҳу акбар, Аллоҳумма аҳиллаҳу ъалайно биламни валимони вас-саломати вал-ислом ват-тавфиқи лимо туҳиббу, Раббанно ва тарзо, Раббуно ва раббукаллоҳу.**

*175-Худо бузургтар аст, Илоҳо, баровар моҳи навро бар мо, бо амният ва имон ва саломатӣ ва Ислом ва муваффақият дар он чи дӯстдорӣ эй парвардигори мо ва хушнуд мешавӣ, Парвардигори мо ва Парвардигори Ту (эй моҳ) Худо аст.*

## 68-ДУОИ РӮЗАДОР ҲАНГОМИ ИФТОР

١٧٦- «ذَهَبَ الظَّمَأُ وَابْتَلَّتِ الْعُرُوقُ، وَثَبَتَ الأَجْرُ إِنْ شَاءَ اللهُ»

**176-Заҳабаз замоъу вабталлатил ъурӯқу ва сабатал ачру иншоаллоҳу.**

*176-Ташнагӣ рафъ шуд ва рагҳо тар шуд ва таҳаққуқ ёфт савоб, иншоаллоҳ.*

١٧٧- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ بِرَحْمَتِكَ الَّتِي وَسِعَتْ كُلَّ شَيْءٍ أَنْ تَغْفِرَ لِي»

**177-Аллоҳумма иннӣ асъалука бираҳматикал латӣ васиъат кулла шаййин ан тағфира лӣ.**

*177-Худоё, ба раҳматат, ки фаро гирифтааст ҳама чизро, аз Ту мехоҳам, ки маро биёмурзӣ.*

## 69-ДУОИ ҚАБЛ АЗ ХӮРДАНИ ХӮРОК

178-Ҳар гоҳ яке аз шумо бихоҳад хӯрок бихӯрад, бигуяд: بِسْمِ اللهِ **Бисмиллоҳи,** яъне ба номи Худо

Ва агар дар аввали хурдан фаромӯш кард, бигуяд: بِسْمِ اللهِ فِي أَوَّلِهِ وَآخِرِهِ

**Бисмиллоҳи фи авваллиҳи ва охириҳи**, *яъне ба номи Худо дар аввали он ва охири он.*

179-Касеро, ки Худованд ба ӯ ғизое диҳад, бигуяд:

اللَّهُمَّ بَارِكْ لَنَا فِيهِ وَأَطْعِمْنَا خَيْرًا مِنْهُ

**Аллоҳумма борик лано фиҳи ва атъимно хайран минҳу.**

*"Худоё, барои мо дар он баракат деҳ ва ғизое беҳтар аз онро ба мо бидеҳ. Ва ҳар касеро, ки Худованд ба ӯ шир рӯзӣ фармояд, бигуяд:*

اللَّهُمَّ بَارِكْ لَنَا فِيهِ وَزِدْنَا مِنْهُ

**Аллоҳумма борик лано фӣҳи вазидно минху.**

*Худоё, барои мо дар он (шир) баракат деҳ ва барои мо аз он зиёд фармо".*

## 70 - ДУОИ БАЪД АЗ ХӮРДАНИ ХӮРОК

١٨٠- الْحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي أَطْعَمَنِي هَذَا، وَرَزَقَنِيهِ، مِنْ غَيْرِ حَوْلٍ مِنِّي وَلَا قُوَّةٍ

**180-Алҳамду лиллоҳил-лазӣ атъаманӣ ҳозо ва разақаниҳӣ мин ғайри ҳавлин миннӣ вало қувватин.**

*180-Ситоиш аз они Худоест, ки ин хӯрокро ба ман дод ва рӯзиям кард онро бидуни тавоноӣ ва қудрате аз ман.*

۱۸۱- «الْحَمْدُ لِلَّهِ حَمْداً كَثِيراً طَيِّباً مُبَارَكاً فِيهِ، غَيْرَ [مَكْفِيٍّ وَلَا] مُوَدَّعٍ، وَلَا مُسْتَغْنًى عَنْهُ رَبَّنَا» .

**181-Алҳамду лиллоҳи ҳамдан касиро, тайй-ибан, муборакан, ғайра макфийин ва ло мувад-даъин ва ло мустағнан ъанҳу раббанно.**

*181-Ситоиш аз они Худост, ситоиши зиёд, некӯ ва пурбаракат. Ӯ бениёз аст ва дархости аз Ӯ ҳамеша идома дорад ва ҳама ба Ӯ ниёз-манданд. Парвардигоро, ситоишамонро қабул фармо.*

## 71 - ДУОИ МЕҲМОН БАРОИ СОҲИБИ ХӮРОК

۱۸۲- «اللَّهُمَّ بَارِكْ لَهُمْ فِيمَا رَزَقْتَهُمْ، وَاغْفِرْ لَهُمْ وَارْحَمْهُمْ» .

**182-Аллоҳумма борик лаҳум фимо разакта-ҳум вағфирлаҳум варҳамҳум.**

*182-Худоё, барои эшон дар он чи рӯзияшон кардӣ, баракат деҳ ва биёмурзу бибахш ишон-ро.*

## 72 - ДУО БАРОИ КАСЕ, КИ БА МО ОБ ДОДА БОШАД ВА Ё БИХОҲАД ОБ ДИҲАД

١٨٣ - «اللَّهُمَّ أَطْعِمْ مَنْ أَطْعَمَنِي وَاسْقِ مَنْ سَقَانِي»

**183-Аллоҳумма атъим ман атъаманӣ, васқи ман сақонӣ.**

*183-Худоё, хӯрок деҳ касеро, ки ба ман хӯрок дод ва об деҳ касеро, ки ба ман об дод.*

## 73 - ДУО БАРОИ АҲЛИ ХОНАЕ, КИ ИФТОР КАРДА БОШАД

١٨٤ - «أَفْطَرَ عِنْدَكُمُ الصَّائِمُونَ، وَأَكَلَ طَعَامَكُمُ الأَبْرَارُ، وَصَلَّتْ عَلَيْكُمُ المَلَائِكَةُ»

**184-Афтара ъиндакумус-соимӯна ва акала таъомаку-мул аброру ва саллат ъалайкумул малоикату.**

*184-Ифтор кард наздатон рӯзадорон ва хӯрд хӯрокатонро некӯкорон ва дуо намояд бароятон малоикаҳо*

## 74 - ДУОИ РӮЗАДОРЕ, КИ БА СУФРАИ ХӮРОК ҲОЗИР ШАВАД ВА НАХУРАД

*185-Ҳар гоҳ яке аз шумо даъват шавад, иҷобат кунад ва агар рӯзадор бошад, дуъо кунад ва агар рӯзадор набошад, пас хӯрокро бихӯрад.*

## 75 - ОН ЧИ РӮЗАДОР ҲАНГОМЕ, КИ КАСЕ БА Ӯ ДАШНОМ ДИҲАД, ШОИСТААСТ БИГӮЯД:

١٨٦ - «إِنِّي صَائِمٌ، إِنِّي صَائِمٌ»

**186-Иннӣ соимун, иннӣ соимун.**

*186-Ман рӯзадорам, ман рӯзадорам.*

## 76 - ДУОИ ҲАНГОМИ ДИДАНИ САМАРАИ НАВРАС

١٨٧ - «اللَّهُمَّ بَارِكْ لَنَا فِي ثَمَرِنَا، وَبَارِكْ لَنَا فِي مَدِينَتِنَا وَبَارِكْ لَنَا فِي صَاعِنَا، وَبَارِكْ لَنَا فِي مُدِّنَا»

**187-Аллоҳумма борик лано фӣ самарино ва**

**борик лано фӣ мадинатино ва борик лано фӣ соъино ва борик лано фӣ муддино.**

*187- Худоё, бароямон дар меваи мо баракат деҳ ва дар шаҳри мо бароямон баракат деҳ ва дар соъ*[1] *ва дар мудди мо бароямон баракат деҳ.*

## 77 - ДУОИ БАЪД АЗ АТСА ЗАДАН

188-Ҳар гоҳ яке аз шумо атса занад, бигуяд: الْحَمْدُ لِلَّهِ **Алҳамду лиллоҳ,** ***яъне ситоиш аз он Худост.***

Ва бародараш ё дӯсташ (ҳар шунавандаи мусалмоне) ба ӯ бигуяд: يَرْحَمُكَ اللهُ **Ярҳамукаллоҳ,** ***яъне Худо туро бибахшояд.*** Ва ҳар гоҳ ба ӯ гуфта шавад: Ярҳамукаллоҳ бигуяд:

يَهْدِيكُمُ اللهُ وَيُصْلِحُ بَالَكُمْ **Яҳдикумуллоҳ ва юслиҳ болакум,** яъне *Худо шуморо ба роҳи рост ҳидоят кунад ва некӯ созад ҳолатонро.*

---

[1] Соъ: паймонаест баробари чаҳор мудд ва ҳар мудд баробар аст бо миқдори ду дасти марди миёна вақте ки ҳар ду кафи худро пур кунад.

## 78 - ОН ЧИ ДАР ҶАВОБИ “АЛҲАМДУЛИЛЛОҲ” ГУФТАНИ ШАХСИ КОФИР БАЪД АЗ АТСААШ

١٨٩- «يَهْدِيكُمُ اللهُ وَيُصْلِحُ بَالَكُمْ»

**189-Яҳдикумуллоҳу ва юслиҳ болакум.**

*189-Худованд шуморо ба роҳи рост ҳидоят намояд ва некӯ созад ҳолатонро.*

## 79-ДУО БАРОИ КАСЕ, КИ ИЗДИВОҶ КАРДААСТ

١٩٠- «بَارَكَ اللهُ لَكَ، وَبَارَكَ عَلَيْكَ؛ وَجَمَعَ بَيْنَكُمَا فِي خَيْرٍ»

**190-Боракаллоҳу лака ва борака ъалайка ва ҷамаъа байнакумо фӣ хайрин.**

*190-Худованд барои ту баракат диҳад ва баракат диҳад ба ту ва шуморо ба некуй гирд оварад.*

## 80-ДУОИ КАСЕ КИ ИЗДИВОҶ КАРДА БОШАД БАРОИ ХУДАШ ВА ДУОИ ХАРИДИ ЧАҲОРПОИ САВОРӢ, Ё БОРӢ

191-Ҳар гоҳ яке аз шумо бо зане издивоҷ кунад ва ё хидматгореро харидорӣ намояд, бигуяд:

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَيْرَهَا وَخَيْرَ مَا جَبَلْتَهَا عَلَيْهِ وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّهَا وَشَرِّ مَا جَبَلْتَهَا عَلَيْهِ»

**Аллоҳумма иннӣ асъалука хайраҳо ва хайра мо ҷабалтаҳо ъалайҳи ва аъӯзу бика мин шарриҳо ва шарри мо ҷабалтаҳо ъалайҳи.**

*Худоё, ман аз Ту мехоҳам хайрашро ва хайри он чи ӯро бар он сиришт додӣ ва паноҳ мебарам ба Ту аз шараш ва шарри он чи ӯро бар он сиришт додӣ.*

Ва агар шутуреро бихарад, сари кӯҳонашро бигирад ва дуъои мазкурро бихонад.

## 81-ДУОИ ҚАБЛ АЗ НАЗДИКӢ КАРДАН БО ЗАН

١٩٢ - «بِسْمِ اللهِ. اللَّهُمَّ جَنِّبْنَا الشَّيْطَانَ، وَجَنِّبِ الشَّيْطَانَ مَا رَزَقْتَنَا» .

**192-Бисмиллоҳи, Аллоҳумма ҷаннибнош-шайтона ва ҷанибби-ш-шайтона мо разақтано.**

*192-Ба номи Худо, Худоё, моро аз шайтон дур дор ва шайтонро аз он чизе ки насиби мо мекунӣ, дур дор.*

## 82-ДУОИ ҲАНГОМИ ХАШМ

١٩٣ - «أَعُوذُ بِاللهِ مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ»

**193-Аъӯзу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим.**

*193-Паноҳ мебарам ба Худо аз шайтони рондашуда.*

## 83-ДУОИ ҲАНГОМИ ДИДАНИ КАСЕ, КИ БА БАЛО ВА МУСИБАТ АФТОДА БОШАД

١٩٤- «الْحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي عَافَانِي مِمَّا ابْتَلاكَ بِهِ وَفَضَّلَنِي عَلَى كَثِيرٍ مِمَّنْ خَلَقَ تَفْضِيلاً»

**194-Алҳамду лиллоҳил-лазӣ ъофонӣ миммабталока биҳи ва фазалланӣ ъало касирин миман халақа тафзило.**

*194-Ситоиш аз они Худост, он ки маро офият дод аз он чи туро ба он дучор намудааст ва бартарӣ дод маро бар бисёре аз касоне, ки офарид, чи бартарӣ додане.*

## 84-ОН ЧИ ДАР ЯК МАҶЛИС ГУФТА МЕШАВАД

195-Абдуллоҳ писари Умар (р) мегӯяд: Расули Худо (с) қабл аз ин ки аз як маҷлисе бархезад, ҳисоб мешуд, ки сад бор дуъои зеринро мегуфт:

«رَبِّ اغْفِرْ لِي وَتُبْ عَلَيَّ إِنَّكَ أَنْتَ التَّوَّابُ الْغَفُورُ»

**Раббиғфирлӣ ва туб ъалайя иннака антат-таввобур-раҳим.**

*Парвардигоро, маро биёмурз ва ба мо тавфиқи тавба ато фармо ва тавбаи маро бипазир, ҳар оина Ту бисёр тавбапазиру бисёр меҳрубонӣ.*

## 85-КАФФОРАИ ЯК МАҶЛИС

١٩٦ - «سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ وَبِحَمْدِكَ، أَشْهَدُ أَنْ لَا إِلَٰهَ إِلَّا أَنْتَ، أَسْتَغْفِرُكَ وَأَتُوبُ إِلَيْكَ»

**196-Субҳонакаллоҳума, ва биҳамдика ашҳаду алло илоҳа илло анта астағ фирука ва атӯбу илайка.**

*196-Ба покӣ ёд мекунам Туро, эй Худо ва ситоиш мекунам Туро, шаҳодат медиҳам, ки нест маъбуде ба ҳақ, магар Ту, омурзиш металабам аз Ту ва ба сӯи Ту тавба мекунам.*

## 86-ДУО БАРОИ КАСЕ, КИ БИГӮЯД

١٩٧ - «وَلَكَ»

**Ғафараллоҳу лака.** *"Худо туро биёмурзад".*
**197-Ва лака** *"Ва туро низ биёмурзад".*

## 87-ДУЪО БАРОИ КАСЕ КИ НИСБАТ БА ТУ НЕКӢ КАРДААСТ

١٩٨ - «جَزَاكَ اللهُ خَيْراً»

**198-Ҷазокаллоҳу хайран.**

*198-Худо ба ту подоши некӯ диҳад.*

## 88-ЗИКРЕ, КИ ХУДО ИНСОНРО БО ОН АЗ ДАҶҶОЛ ҲИФЗ МЕКУНАД

199-"Ҳар касе даҳ ояте аз аввали сӯраи Каҳфро ҳифз кунад, аз Даҷҷол маҳфӯз мемонад". "Ҳамчунин паноҳ бурдан ба Худо аз фитнаи Даҷҷол баъд аз ташаҳҳуди охир дар ҳар намоз".

Ба ривояти Имом Муслим.

## 89-ДУЪО БАРОИ КАСЕ КИ БИГӮЯД:

**Иннӣ уҳиббӯка филлоҳи,** *яъне ман барои Худо туро дӯст дорам.*

٢٠٠ - «أَحَبَّكَ الَّذِي أَحْبَبْتَنِي لَهُ»

**200-Аҳаббакал-лазӣ аҳбабтанӣ лаҳу.**

*200-Дӯст бидорад туро он ки дӯст доштӣ маро барои Ӯ.*

## 90-ДУЪО БАРОИ КАСЕ КИ, ДОРОИЯШРО БА ТУ ПЕШНИҲОД КУНАД

٢٠١- «بَارَكَ اللهُ لَكَ فِي أَهْلِكَ وَمَالِكَ»

**201-Боракаллоҳу лака фӣ аҳлика ва молика.**

*201-Худованд барои ту дар хонаводаат ва дороият баракат диҳад.*

## 91-ДУЪО ҲАНГОМИ ПАРДОХТИ ҚАРЗ БАРОИ КАСЕ, КИ ҚАРЗ ДОДААСТ

٢٠٢- «بَارَكَ اللهُ لَكَ فِي أَهْلِكَ وَمَالِكَ، إِنَّمَا جَزَاءُ السَّلَفِ الْحَمْدُ وَالأَدَاءِ»

**202-Боракаллоҳу лака фӣ аҳлика ва молика, иннамо ҷазоус-салафи алҳамду вал-адои.**

*202-Худованд барои ту дар хонаводаат ва дороият баракат диҳад, ҳар оина подоши қарз додан, сипосгузорӣ ва пардохти он аст.*

## 92-ДУО ҲАНГОМИ ТАРС АЗ ШИРК

٢٠٣- «اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ أَنْ أُشْرِكَ بِكَ وَأَنَا أَعْلَمُ، وَأَسْتَغْفِرُكَ لِمَا لَا أَعْلَمُ» .

**203-Аллоҳумма иннӣ аъӯзу бика ан ушрика бика ва ано аъламу ва астағфирука лимо ло аъламу.**

*203-Худоё, ба ростӣ, ки ман паноҳ мебарам ба Ту, дар ҳоле ки бидонам ва омурзиш металабам аз он чи надонам.*

## 93-ДУО БАР КАСЕ КИ, БИГӮЯД:

**Бораказллоҳу фӣка,** *яъне баракат диҳад Худо бар ту.*

٢٠٤- «وَفِيكَ بَارَكَ اللهُ»

**204-Ва фӣка бораказллоҳ.**

*204-Ва бар ту низ баракат диҳад Худо.*

## 94-ДУОИ ҲАНГОМИ ФОЛИ БАД ЗАДАН БА ЧИЗЕ

٢٠٥- «اللَّهُمَّ لَا طَيْرَ إِلَّا طَيْرُكَ، وَلَا خَيْرَ إِلَّا خَيْرُكَ، وَلَا إِلَـٰهَ غَيْرُكَ»

**205-Аллоҳумма ло тайра илло тайрука ва ло хайра илло хайрука ва ло илоҳа ғайрука.**

*205-Худоё, паррандае нест, магар парандаи Ту ва хайре нест, магар хайре , ки аз назди ту ояд ва нест маъбуди барҳақ, ба ҷуз Ту .*

## 95-ДУОИ ҲАНГОМИ САВОР ШУДАН БАР ҲАЙВОН ВА Ё МОНАНДИ ОН (ВАСОИЛИ НАҚЛИЁТ)

٢٠٦- بِسْمِ اللهِ، الْحَمْدُ لِلَّـٰهِ

﴿ سُبْحَانَ الَّذِي سَخَّرَ لَنَا هَٰذَا وَمَا كُنَّا لَهُ مُقْرِنِينَ ۝ وَإِنَّا إِلَىٰ رَبِّنَا لَمُنقَلِبُونَ ﴾

» الْحَمْدُ لِلَّهِ، الْحَمْدُ لِلَّهِ، الْحَمْدُ لِلَّهِ،
اللهُ أَكْبَرُ، اللهُ أَكْبَرُ، اللهُ أَكْبَرُ، سُبْحَانَكَ
